АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАҲҚИҚИ СИСТЕМАВИИ
РУШДИ КИШОВАРЗӢ

ВБД: 338.431 (575-3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ҲУСАЙНЗОДА САФАРАЛӢ МИРЗОМУРОД

МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ СИФРТАХРИБИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИНИ КИШОВАРЗӢ (дар мисоли кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади
илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Шарифов З.Р.

ДУШАНБЕ – 2026

Диссертатсия дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон омода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Шарифов Зариф Раҳмонович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Муқарризони расмӣ: Мирсаидов Аврор Бобоевич - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи назарияи иқтисодӣ ва тадқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Комилзода Низомуддин Бегаҳмад - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия «25» августи соли 2026, соати 9 ^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 101-17-90-90) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмӣ ё дар сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (www. taiagroun.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____»_____ с. 2026 фиристонида шудааст.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент А.Х. Олимов

М У Қ А Д Д И М А

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ бештар бо самаранок истифода бурдани захираҳои табиии минтақаҳои он вобаста аст. Усулҳои илман асоснокшуда ва воситаҳои методологии таҳқиқи механизмаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ имконият медиҳанд, ки ҷиҳати аз худ кардан ва самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ чораҳои лозимӣ андешида ба амал бароварда шавад. Яке аз захираҳои стратегии табиӣ захираҳои замин мебошад, ки бо назардошти аҳаммияти баландашон дар таъмини амнияти озуқавории кишвар, коҳиши вобастагӣ аз таъсири омилҳои беруна ва баланд бардоштани самараноки истифодаи захираҳои замин ҳамчун омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ баромад мекунанд.

Бояд ба назар гирифт, ки дар солҳои охир дар бахши кишоварзии иқтисодиёт муаммоҳои ҷорӣ намудани принсипҳои рушди устувор бо назардошти таносуби дахлдори меъёрҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии истифодаи самараноки захираҳои замин торафт муҳимтар шуда истодаанд, ки ҷустуҷӯйи доимии роҳу усулҳои такмили механизми экологию иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзиро муайян мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллиро бо таваҷҷуҳ ба таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани ҷумҳурӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти босифат тадриҷан амалӣ менамояд. Дар ин замина, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар ба ташаккул ва такмили механизмҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла замин такя мекунад.

Дар даҳсолаи дуюми даврони истиқлолият, рушди муътадили иқтисодиёт таъмин гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, дар соҳаи кишоварзӣ ислоҳоти замин бо мақсади баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифодаи замин, ҳавасмандгардонии иҷтимоии деҳқонон ва таъмини устуворii экологӣ татбиқ гардида, истифодаи замин ба зиммаи соҳиби аслии он – деҳқон гузошта шуд. Ин раванд заминаи ташаккули муносибатҳои нави заминдорӣ, баланд шудани масъулияти иҷтимоӣ ва коҳиши таъсири манфии экологӣ ба захираҳои заминро фароҳам овард ва ҳамчун яке аз дастовардҳои муҳимми даврони истиқлол арзёбӣ мегардад.

Ислоҳоти замин дар ташаккул ва рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозида, барои гузариш ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва тағйирёбии муносибатҳои заминдорӣ заминаи институтсионалӣ фароҳам овард. Ин ислоҳот ба бартараф гардидани бегонагии деҳқон аз замин мусоидат намуда, шароит барои баланд бардоштани ҳавасмандии иқтисодӣ ва иҷтимоии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба вуҷуд овард.

Дар шароити кунунӣ истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ, молиявӣ ва экологӣ рӯ ба

рӯ мегардад. Заиф будани механизмҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ ва нокифоягии дастгирии молиявии давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ боис мегардад, ки равандҳои деградатсияи заминҳои кишоварзӣ хусусияти низомӣ касб намоянд. Дар чунин шароит таҳияи механизми аз ҷиҳати илмӣ асосноки танзими эколого-иқтисодии истифодаи замин дар соҳаи кишоварзӣ, ки бар пояи принсипҳои асосии консепсияи сифртахриби заминҳои таъиноти аграрӣ бунёд меёбад, аҳамияти махсус пайдо менамояд. Татбиқи принсипҳои асосии консепсияи сифртахриби заминҳои таъиноти аграрӣ имкон медиҳад, ки ҳосилноскии замин ботадариҷ боло рафта заминаи муосид барои гузариш ба модели экологии рушди иқтисодиёти кишварзӣ ба миён ояд. Маҳз ҳамин омилҳо мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионро муайян мекунанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Омӯзиши мушкилотҳои муносибатҳои замин ва ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии механизми танзими истифодаи захираҳои замин дар доираи фаъолияти намояндагони мактаби классикии иқтисодӣ, аз ҷумла У.Петти, А.Смит, Ф. Кене, Д. Рикардо, К.Маркс ва дигарон таҷассум ёфтааст.

Дар таҳияи муқаррароти бунёдӣ ва ҷанбаҳои мухталифи ташаккули механизми танзими экологӣ ва иқтисодии кишоварзӣ ва бахусус истифодаи, замин, аз ҷумлаи олимони хориҷӣ, ба мисли А.Алтухов, В.Л. Аничин, И. Буздалов, С. Н. Бобилев, Ф.Лойко, Ю.В. Рощина, Е. Н. Шанина, И.П. Айдарова ва дигарон мушкилоти истифодаи заминҳои кишоварзӣ аз нуқтаи назари талаботи таъмини устувории иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба таври васеъ баррасӣ шудаанд.

Масъалаҳои рушди устувори кишоварзӣ ва танзими истифодаи замин дар асарҳои олимони ватанӣ ба таври васеъ баррасӣ гардида, онҳоро шартан метавон ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд. Ба гурӯҳи якум олимоне мансубанд, ки масъалаҳои назариявию методологии рушди устувори кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои заминро таҳқиқ намудаанд. Ба ин гурӯҳ корҳои илмии Мадаминов А.А., Ғафуров Х., Асроров И.А., Муҳаббатов Х.М., Шарифов З.Р. дохил мешаванд, ки дар онҳо асосҳои илмии устувории агросистемаҳо ва самаранокии иқтисодии истифодаи замин баррасӣ гардидааст.

Ба гурӯҳи дуюм тадқиқотҳое дохил мешаванд, ки ба танзими иқтисодӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои замин бахшида шудаанд. Дар асарҳои Одинаев Ҳ.А., Қудратов Р.Р., Пиризода Ҷ.С., Носиров Р., Шералиев Э.Н. масъалаҳои ислоҳоти замин, усулҳои нави обёрии заминҳои кишоварзӣ, механизмҳои танзими давлатӣ ва шаклҳои моликияти замин таҳлил шудаанд.

Ба гурӯҳи сеюм, олимоне шомиланд, ки масъалаҳои самаранокии экологӣ, ҳифзи хок, коҳиши таназзул ва ҷанбаҳои минтақавии истифодаи заминро таҳқиқ кардаанд. Ба ин гурӯҳ асарҳои Ғаниев Т.Б., Самандаров И.Х., Мирсаидов А.Б., Саидмуродзода Ҷ., Раҳматзода Х.Б., Мирсаидов С.А., Зиёев Б.С., Арабов Ф.П., Одинаев Ш.Т., Давлаталӣ Ш., Ализода Т. тааллуқ доранд.

Ҳамин тариқ, таҳлили осори олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди саҳми назаррас дар омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни истифодаи замин, масъалаи ташаккули механизми мукаммали экологӣ ва иқтисодии истифодаи устувори замин то ҳол ба таври низомӣ таҳқиқ нагардидааст. Масъалаҳои равиши ҳамаҷониба ба омӯзиши муаммоҳои танзими истифодаи замин дар шароити гузариш ба иқтисоди навоварона бо дарназардошти рушди устувори бахши кишоварзӣ таҳқиқоти иловагиро талаб менамоянд. Аҳаммияти афзояндаи вазифаҳои ноил шудан ба амнияти озуқавории кишвар ва минтақаҳо, баланд бардоштани зарурати нигоҳдории мутавозуни низоми кишоварзӣ дар шароити шиддатёбии вазъи экологӣ, ҷалби заминҳои харобшуда ва истифоданашуда ба гардиши иқтисодӣ, инчунин талаботи объективии рушди равандҳои ҳамгироӣ ва гурӯҳбандии истеҳсолӣ дар кишоварзӣ, ҳамаи ин зарурати таъхирнопазири такмили усулҳо ва воситаҳои сиёсати заминро, ки ба таъмини устувории истифодаи захираҳо равона шудаанд, муайян менамоянд. Масъалаҳое, аз қабили фароҳам овардани шароит барои истифодаи беҳтарин ва оқилонаи замин, ҷалби сармоягузорон барои рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити маҳдудияти захираҳо ва таназзули онҳо дар пасманзари вазъи шадиди экологӣ дар низомҳои кишоварзӣ, таҳияи асосҳои назариявӣ, методӣ ва амалиро ҷиҳати такмили механизмҳои танзими истифода ва ҳифзи захираҳои замин дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон тақозо менамоянд. Асосҳои муқаррароти мазкур ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсияро муайян менамоянд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Муқаррароти назариявию амалии диссертатсия бо барномаҳои давлатии рушди инкишофи иқтисодиёти кишоварзии кишвар марбут мебошанд. Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ чун самти муҳимми ноил гардидан ба меъёрҳои рушди босубот муайян гардидааст. Инчунин, «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037», барномаҳои рушди минтақаҳо, соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт фарогири муаммоҳои истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ мебошад.

Ҳамчунин, мавзуи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзуъҳои «Таҳияи механизми иқтисодию иҷтимоии ташаккули инфрасохтори деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои солҳои 2021-2025 (РКД 0121TJ1092), ки дар Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии илмии ҷанбаҳои назариявӣ ва равишҳои методии такмили механизми таъмини сифртахриби заминҳои кишоварзӣ, инчунин таҳияи

тавсияҳо оид ба такмили механизми танзими истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Мутобиқи ин ҳадафҳо вазифаҳои асосии зерин гузошта шуда ва ҳал карда шуданд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва рушди механизми экологӣ-иқтисодии танзими истифодаи заминҳои кишоварзӣ; падидаи тахриби замин ва моҳияти «сифртахриб»

- омӯзишӣ заминаҳои илмӣ ва методии идоракунии экологӣ-иқтисодии захираҳои замини кишоварзӣ;

-таҳлили вазъи кунунӣ ва арзёбии самаранокии экологӣ ва иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлили омили истифодаи тахриби захираҳои замини кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- асосноккунии самтҳои асосии такмили механизми экологӣ-иқтисодии танзими истифодаи заминҳои кишоварзӣ;

- асоснок намудани роҳҳои татбиқи консепсияи иқтисоди «сабз» дар бахши кишоварзии минтақаҳои Тоҷикистон ва таҳияи илмии механизми идоракунии истифодаи самараноки захираи замини кишоварзӣ бо назардошти коҳиши таназзули замин.

Объекти таҳқиқот механизми экологӣ-иқтисодии танзими сифртахриби замин дар заминаи ташаккули модели истифодаи устувори заминҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Мавзуи таҳқиқот муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки дар раванди ташаккул ва рушди механизми истифодаи экологӣ ва иқтисодии заминҳои кишоварзӣ бо назардошти таъмини сифртахриби он ба вуҷуд меоянд.

Фарзияи таҳқиқотро андешаҳои муаллиф оид ба истифодаи самараноки усулҳои муосири беҳдошти заминҳои кишоварзӣ бо таваҷҷуҳ ба принсипҳои рушди устувор чун самти муҳимми таъмини амнияти озуқавории кишвар дар давраи дарозмуддат ташкил менамояд.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои намояндагони мактабҳои илми иқтисодӣ, таҷрибаи таҳқиқоти донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти такмили механизми сифртахриби истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ, равишҳои муосири диалектикӣ-материалистӣ оид ба муайян кардани робитаҳои дохилии падидаҳо ва омилҳо, инчунин истифодаи самараноки усулҳои муосири беҳдошти заминҳои кишоварзӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии низоми муносибатҳои кишоварзӣ ва замини соҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди усули монографӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ, системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ ва ғ. истифода шудаанд.

Сарчашмаҳои маълумот. Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; маълумотҳои Вазорати кишоварзии ҶТ оид ба вазъи ҷанбаҳои алоҳидаи рушди соҳаи кишоварзӣ;

ҳисоботи солонаи раёсати кишоварзии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ оид ба маълумоти экологӣ истифодаи соҳаи заминсозӣ чоп шудаанд; маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда; натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии довталаб баромад мекунанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ дар солҳои 2021-2025 ба анҷом расонида шуда, маълумоти хоҷагиҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, маводҳои дар маҷаллаҳои даврӣ чопшуда, таҳқиқотҳои аз тарафи муаллиф гузаронидашуда истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар асоснокунии назариявӣ ва таҳияи ҷанбаҳои амалии механизми таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ, инчунин дар коркарди тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили механизми танзими экологӣ ва иқтисодии истифодаи замин дар шароити комплекси кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки дорои навовариҳои илмӣ мебошанд, дар нуқтаҳои зерин ифода меёбанд:

- муқаррароти назариявӣ оид ба ташаккул ва рушди механизми таъмини сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ таҳия ва аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидаанд, ки он ҳамчун низоми ҳамгирошудаи унсурҳои экологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва молиявӣ баромад намуда, ба пешгирии таназзули замин, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии ҳосилхезии хок, инчунин таъмини устувории истифодаи захираҳои замин равона шудааст;

- дар асоси таҳлили муқоисавии таҷрибаи ҷаҳонӣ ва омӯзиши консепсияи таназзули сифрии замин, тамоюлҳо ва қонуниятҳои асосии таъмини сифртахриби истифодаи замин муайян карда шудаанд, ки нишон медиҳанд самаранокии механизми мазкур ба дараҷаи ҳамоҳангии омилҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва маъмурии танзими муносибатҳои замин вобастагии мустақим дорад;

- принсипҳо ва шартҳои калидии танзими экологию иқтисодии истифодаи замин дар доираи механизми сифртахриб таҳия гардидаанд, ки онҳо афзалияти рушди кишоварзиро дар истифодаи захираҳои замин, зарурати ба инобат гирифтани хусусиятҳои соҳавӣ ва ҳудудӣ, маҳдудиятҳои табиӣ, инчунин таъмини мутобиқати ҷойгиркунии бахшҳои кишоварзӣ бо талаботи самаранокии иқтисодӣ ва устувории экологиро дар бар мегиранд;

- омилҳои асосии рушди самаранокии экологӣ ва иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз равиши низомӣ гурӯҳбандӣ ва таҳлил карда шудаанд, ки дар онҳо сабабҳои аслии таназзули замин, аз ҷумла маҳдудияти маблағгузорӣ,

заъфи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, фарсудашавии инфрасохтори обёрӣ ва фишорҳои экологӣ муайян гардида, таъсири онҳо ба коҳиши ҳосилхезии замин нишон дода шудааст;

- дар асоси таҳлили низомии натиҷаҳои ислоҳоти замин дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати такмили шаклҳои моликият, рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ, ҷорӣ намудани кадастри муосири замин, такмили мониторинги ҳолати замин ва ташаккули механизми давлатии танзими рушди кишоварзӣ дар заминаи рушди инфрасохтори деҳот илмӣ асоснок карда шудааст;

- самтҳои афзалиятноки такмили механизми таъмини сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ бо дарназардошти татбиқи принсипҳои иқтисоди сабз, истифодаи воситаҳои рақамӣ дар идоракунии замин, рушди равандҳои навоварона ва фаъолсозии сармоягузорӣ ба беҳдошти сифати замин дар комплекси кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидаанд, ки онҳо ба баланд бардоштани устуворӣ экологӣ ва иқтисодии истифодаи захираҳои замин равона шудаанд.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Асоснок карда шуд, ки мазмуни механизми таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ ҳамчун низоми ҳамгирои танзими экологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ ба ҳамдигар алоқаманд буда, он ба нигоҳдорӣ, истифодаи оқилона ва барқарорсозии ҳосилхезии замин равона шудааст.

2. Пешниҳод карда шудааст, ки модели мукаммали истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ дар асоси консепсияи сифртахриб (Land Degradation Neutrality) ҳамоҳангии механизмҳои давлатӣ, минтақавӣ ва хоҷагидориро таъмин намуда, ба коҳиши равандҳои деградатсионӣ, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии иқтидори истеҳсолии замин мусоидат менамояд.

3. Исбот карда шуд, ки арзёбии самаранокии экологӣ ва иқтисодии таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои замин имкони муайян намудани омилҳои асосии тахриби замин, арзёбии сатҳи таъсири онҳо ба ҳолати хок ва ошкор намудани маҳдудиятҳои мавҷудаи механизмҳои ҳавасмандгардонии истифодаи сарфакорона ва оқилонаи заминро фароҳам меорад.

4. Пешниҳод карда шудааст, ки тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили механизми экологию иқтисодии таъмини сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва харитаи роҳи татбиқи марҳилавии ба ҷорӣ намудани унсурҳои иқтисоди “сабз”, истифодаи технологияҳои рақамӣ, такмили танзими давлатӣ, фаъолсозии сармоягузорӣ ва муайян намудани пайдарпайии чораҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ имконият фароҳам меоранд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқотро муқаррароти марбут ба такмили механизми экологӣ ва иқтисодии таъмини истифодаи сифртахриби заминҳои кишоварзӣ бо назардошти ҷорӣ намудани консепсияи иқтисоди «сабз» ва татбиқи самараноки принсипҳои рушди устувори кишоварзӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ, равандҳои инноватсионӣ дар низоми истифодаи

заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон, фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ дар асоси таҳкими омилҳое, ки ба ҳавасмандгардонии хоҷагиҳо ба сармоягузорӣ ба беҳтар намудани сифати заминҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд, муайян менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи самтҳои асосии рушди самаранокии экологӣ ва иқтисодии истифодаи захираҳои замин дар бахши кишоварзии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба муайян намудани сабабҳои таназзули захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ва набудани механизмҳои ҳавасмандгардонии муносибати сарфакорона нисбат ба онҳо метавон истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқотро инчунин, ҳангоми хондани дарсҳои таълимии «назарияи иқтисодӣ», «иқтисоди КАС» ва «идоракунии захираҳои замин», «иқтисоди захираҳои замин», « географияи иқтисодии Тоҷикистон», «экология» истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявии дар асар асоснокшуда, пешниҳоду тавсияҳои илмии дар он овардашуда метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатӣ истифода шаванд ва барои асосноккунии самтҳои асосии сиёсати истифодаи самараноки замин ҳамчун заминаи методологӣ ва методӣ хизмат кунанд. Хулоса ва пешниҳоди асосии муаллифи диссертатсия дар як қатор конференсияҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳод гардида, баҳои мусбӣ гирифта, аз ҷониби Вазорати кишоварзӣ ва Кумитаи заминсозӣ ва захираҳои замини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардидаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро баррасии масоили мубрами таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин бо дарназардошти таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, дурустӣ, возеҳӣ ва равшании сарчашмаҳои истифодашуда дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин кифоя будани ҳаҷми маводи илмии чопшудаи муаллиф тасдиқ менамояд. Хулосаҳо ва пешниҳодҳо тибқи натиҷаҳои таҳлилу баҳогузориҳои илмии назариявӣ, амалии ва таҷрибавӣ пешниҳод гардидаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 7. Бозори заминҳои кишоварзӣ, муносибатҳои заминӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ва маҳалҳои деҳот; 11. Инноватсия ва пешрафти илмию техникӣ дар комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 20. Рушди устувори кишоварзӣ ва соҳаҳои он, маҳалҳои деҳот ва инфрасохтори иҷтимоӣ; 21. Бехатарии хӯрокворию мамлакат, оқибатҳои буҳрони ҷаҳонии хӯрокворӣ, ҷабҳаҳои аграрии воридшавии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС);

22. Рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ ва корхонаҳои агросаноатӣ ; 32. Фаъолияти экологии корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 50. Ҳавасмандсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар кластерҳои соҳаи растанипарварӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташаккули модели истифодаи устувори захираҳои замин, коркарди тавсияҳо ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба асосноксозии самтҳои такмили механизми танзими экологӣ ва иқтисодии истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин мегардонад, зоҳир мегардад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ дар солҳои 2021-2025 омода гардида, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баъдан барои муҳокима ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тавсия гардидааст. Натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо аз ҷониби муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маводи конференсияву семинарҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар солҳои 2021-2025 рӯйи чоп омадаанд.

Таъйиди диссертатсия ва иттилоот ба истифодаи натиҷаҳои он.

Натиҷаҳои ниҳоӣ ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсати кишоварзии ноҳияи Восеъ, кафедраи КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур барои истифода дар раванди фаъолияти онҳо пешниҳод шудаанд. Санадҳо оид ба татбиқи паҳлуҳои таҳқиқот мавҷуданд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи маводи диссертатсия 9 адад мақолаи илмии муаллиф, ки 7-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2-тои он дар дигар нашрияҳои илмӣ рӯйи чоп омадаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мазмуни аслии мавзуъ, объекти мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 186 саҳифа оварда шудааст, ки 25 ҷадвал ва 2 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 192 номгӯй иборат аст.

МАЗМУНИ АСОСИИ КОР

Дар муқаддимаи диссертатсия ҷанбаҳои назариявии асосноккунии назариявӣ ва амалии мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо таҳлилу баррасиҳои мукаммал асоснок карда шуда, саҳеҳӣ ва андозаи баррасии объекту мавзуи

таҳқиқот аз тарафи муаллиф дар вазифаҳои таҳқиқот, объект ва муқаррарот, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва муқаррароту хулосаҳои илман асосноке, ки мукаммалан дар диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия – «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии таҳқиқи механизми таъмини сифртахриби истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ» падидаи тахриб (деградатсия)-и замин ва моҳияти «сифртахриб» баррасӣ гардидааст, заминаҳои илмӣ ва методии идоракунии устувори ҳосилнокӣ ва истифодаи захираҳои замин таҳқиқ шудаанд, механизмҳо ва василаҳои иқтисодии танзими истифодаи самараноки замин шарҳ дода шуда, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати таъмини сифртахриби истифодаи замин таҳлил шудааст.

Истифодаи устувори захираҳои замини кишоварзӣ дар шароити муосири таҳаввулоти глобалӣ ба яке аз масоили калидии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии кишварҳо табдил ёфтааст. Замини кишоварзӣ ҳамчун яке аз захираҳои муҳимтарини табиӣ, на танҳо асоси таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди аграрӣ мебошад, балки дар таъмини суботи экосистемаҳо ва нигоҳдории гуногунии биологӣ низ нақши сарнавиштсоз мебозад. Маҳз истифодаи оқилона ва ҳадафмандонаи замин метавонад рушди устувори деҳот, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва беҳбуди муҳити зистро таъмин намояд.

Падидаи тахриби замин ҳамчун як раванд ба коҳиши қобилияти истеҳсолии заминҳо, аз байн рафтани унсурҳои органикӣ ва минералии хок, тағйирёбии сохтор ва таркиби физикию химиявии он, паст шудани маҳсули зироат ва коҳиши устувории экосистемаҳо оварда мерасонад. Дар баъзе ҳолатҳо, заминҳо ба марҳилаи барқарорнашаванда мерасанд ва аз гардиши кишоварзӣ комилан хориҷ мегарданд.

Дар заминаи ин таҳдидҳо, консепсияи «сифртахриб» («zero land degradation» ё «land degradation neutrality») ҳамчун модели нави идоракунии замин дар сатҳи байналмилалӣ шакл гирифтааст. Сифртахриб ба маънои тавозуни устувор байни андозаҳои барқарорсозӣ ва истисмор ба манфиати ояндаи наслҳост. Таҳқиқи амиқи илмии моҳият, ҷанбаҳои назариявӣ ва заминаҳои амалии ин падида зарурияти асосии таҳияи механизми устувори иқтисодӣ-экологии ҳифзи замин мебошад [2].

Таҳлили назариявии раванди деградатсияи замин ва ташаккули мафҳуми «сифртахриб» дар фасли қаблӣ нишон дод, ки масъалаи истифодаи самаранок ва устувори захираҳои заминӣ дар маркази диққати мактабҳои илмии ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Вале, танҳо фаҳмиши назариявии ин равандҳо наметавонад ба татбиқи муваффақонаи стратегияҳои устувори идоракунии замин мусоидат кунад. Барои ин зарурати таҳия ва истифодаи заминаҳои илмӣ ва методии дақиқ ва амалишаванда пеш меояд, ки метавонанд таҳкурсии устувори сиёсати истифода ва муҳофизати захираҳои заминро ташкил диҳанд. П.Ф. Лойко қайд менамояд, ки «Идоракунии ташкили истифодаи захираҳои замин, чунон ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ҳатман бояд механизмҳои танзими давлатӣ ва

бозориро дар бар гирад, инчунин имконияти ҳамгироии онҳоро таъмин намояд. Афзалият бояд ба идоракунии давлатӣ дода шавад, зеро минтақабандии ҳудудҳои калон, пешбурди кадастр ва мониторинги заминҳо, заминсозӣ, ҳифзи хок ва ғайра аз вазифаҳои он ба шумор мераванд» [5, с. 8]. Ба назари мо, андешаи мазкур ба нақши системасози давлат дар танзими истифодаи замин таъкид менамояд, зеро маҳз щамин омил шароитро ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодӣ ва экологиро дар соҳаи кишоварзӣ фароҳам меорад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар шароити муосир, ки хатарҳои глобалии экологӣ, тағйирёбии иқлим ва нобаробарии иҷтимоиву иқтисодӣ ба мушоҳида мерасанд, зарурати таҳия ва татбиқи усулҳои муассири баҳодиҳӣ, банақшагирӣ ва назорати истифодаи замин беш аз пеш равшан мегардад. Ҳамин тариқ, таҳқиқи заминаҳои илмӣ ва методии идоракунии устувори замин имкон медиҳад, ки:

– моделҳои идоракунии устувор ва системавии захираҳои табиӣ таҳия шаванд;

– усулҳои таҳлили ҳолати агроэкологӣ ва иқтидори истеҳсолии замин татбиқ гарданд;

– механизмҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҳифзи замин асоснок карда шаванд;

– замина барои арзёбии таъсири истифодаи замин ба муҳити зист ва рушди деҳот гузошта шавад.

Таъқид гардидааст, ки таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ аз ҳар ҷиҳат ба самаранокии истифодаи захираҳои замини кишвар вобаста мебошад, зеро маҳз замин пояи асосии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва омили калидии ҳифзи амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад [8]. Бояд гуфт, ки дар шароити тағйирёбии иқлимӣ, афзоиши фишорҳои антропогенӣ, пастшавии ҳосилхезии хок, фарсудашавии инфрасохтори обёрӣ ва истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои замин дар бахши кишоварзӣ, масъалаи такмили механизми танзими истифодаи заминҳои кишоварзӣ аҳаммияти хосса касб менамояд.

Масоили афзоиши эрозия, аз қабили: шӯршавии замин, обёрии бесамар, истифодаи номутавозуни захираҳо ва набудани механизмҳои кофии ҳавасмандсозӣ барои баркарорсозии ҳолати мелиоративии заминҳо нишон медиҳанд, ки низоми идоракунии давлатии соҳа ниёз ба такмили методологӣ, институтсионалӣ ва иқтисодӣ дорад. Ҳамаи ин бо назардошти талаботи муосир ба модели сифртахриби захираҳои замин, зарурати таҳияи асосҳои илмӣ ва амалии механизми навсозишудаи истифодаи устувори заминҳои кишоварзиро тақозо менамояд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки таҳқиқи заминаҳои назариявӣ ва методологӣ дар соҳаи истифодаи устувори замин дар соҳаи кишоварзӣ барои дарки моҳият, сохтор ва қонуниятҳои ин раванд аҳаммияти хосса дорад ва ба сифати заминаи асосии таҳияи механизми экологӣ - иқтисодии идоракунии захираҳои табиӣ баромад мекунад. Ҷ.Ҷ. Саидмуродзод қайд менамояд, ки «дар низоми истеҳсолоти аграрӣ аҳамият ва нақши замин бояд аз

якчанд мавқеъ дида баромада шавад… Замин, пеш аз ҳама, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба сифати объекти моликият эътироф мешавад… дар ҷанбаи иҷтимоӣ замин ҳамчун мавзуи муносибатҳои хоси ҷамъиятӣ баромад мекунад… замин воқеан гуногунтаркиб аст… ва ҳамчун омили такрористеҳсол низ дорои хусусиятҳои хос мебошад» [10, с. 233]. Ба назари мо, ин дидгоҳ ба табиати бисёрҷанбаи замин ишора менамояд, ки он на танҳо захираи табиӣ, балки унсури муҳими иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ низ мебошад. Ҳамин гуногунҷанба будан зарурати истифодаи равишҳои самаранокро дар идоракунии захираҳои замин тақозо мекунад. Ногуфта намонад, ки консепсия сифртахриби замин маҳз ҷиҳати раисдан ба ҳамин ҳадафҳо пешбинӣ шудааст.

Таҳқиқот нишон дод, ки самаранокии истифодаи замин аз омилҳои геоэкологӣ, иқтисодӣ, демографӣ, техникӣ ва идоракунӣ вобаста буда, таҳлили онҳо ба муайян кардани имкониятҳои афзун намудани ҳосилнокӣ ва кам кардани хавфи деградатсия мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, дар иқтисоди муосир замин ҳамчун дороии иқтисодӣ мавқеи стратегӣ дошта, ҳаҷм, сифати хок, дараҷаи обёрӣ, ҷойгиршавӣ ва имкониятҳои технологӣ ба таври мустақим ба рақобатпазирии хоҷагиҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд. Инчунин, истифодаи захираҳои замин дар шароити тағйирёбии иқлим, норасоии об, рушди аҳолӣ ва зиёд шудани фишорҳои антропогенӣ ба сатҳи нави танзими давлатӣ ниёз дорад, зеро моделҳои анъанавии истифодаи захираҳои табиӣ дигар ҷавобгӯйи талаботи устувории дарозмуддат нестанд.

Бо ин назардошт, дар диссертатсия мафҳумҳои калидӣ, аз ҷумла «замин», «муносибатҳои замин», «истифодаи самараноки захираҳои замин», «устувории истифодаи замин», «деградатсия», «сифртахриб» ва дигар мафҳумҳои назариявӣ мавриди шарҳи илмӣ қарор гирифта, робитаи онҳо бо модели нави сиёсати кишоварзӣ асоснок шудааст. Дар таҳлил муайян гардид, ки устувории истифодаи замин на танҳо натиҷаи фаъолияти хоҷагиҳо, балки маҳсули ҳамгироии сиёсати давлатӣ, механизмҳои иқтисодии ҳавасмандсозӣ, назорати экологӣ ва инфрасохтори бозории соҳа мебошад. Аз таҳқиқот бармеояд, ки гузариш ба модели устувор танҳо дар сурате имконпазир аст, ки муносибатҳои замин ба низоми муосири идоракунӣ, баҳодиҳии иқтисодию экологӣ, иқтисоди рақамӣ ва мониторинги замин мутобиқ гарданд.

Илова бар ин, дар диссертатсия масъалаи баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин аз дидгоҳи назарияҳои иқтисодӣ, аз ҷумла замин ҳамчун омил ва дороии истеҳсолӣ, замин ҳамчун манбаи рентаро тавлидкунанда, замин ҳамчун ҷузъи зинаи сармоягузорӣ ва замин ҳамчун системаи экологӣ тафсир ёфтааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар заминаи ин назариёт арзёбии дақиқи «манфиати умумӣ», «арзиши ҷамъиятӣ», «зарарҳои беруна», «манфиатҳои экологӣ», «масъулияти байнинаслӣ» ва дигар категорияҳо аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки истифодаи устувори заминҳои кишоварзӣ аз маҷмуи омилҳои назариявӣ ва методологӣ сарчашма гирифта, танҳо дар асоси таҳлили комплексӣ, баҳодиҳии бисёрҷабҳа ва

такмили воситаҳои идоракунӣ имконпазир аст. Натиҷаҳои илмӣ ва хулосабардории он барои ташаккули модели нави сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ такмили механизмҳои иқтисодӣ ва таҳияи стратегияи беҳдошти замин аҳаммияти илмӣ ва амалии хосса доранд. Зеро, «.. Новобаста ба рушди муносибатҳо ба заминҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои деҳоти он ҳоло натиҷаҳои дилхоҳ ба бор наовардааст. Зеро, тамоюли пастравии сифати заминҳои кишоварзӣ, ҳосилнокии онҳо бинобар заиф будани раванди такористеҳсоли захираҳои замин ва сифати он ба чашм мерасад. Бинобар он омӯзиши муаммоҳои илмии тамоюли рушди муносибатҳои замин ва механизмҳои татбиқи онҳо дар низоми иқтисодиёти кишоварзӣ, таҳлилу диагностикаи равандҳои такорористеҳсоли онро тақозо менамояд» [7, С. 4]. Ба назари мо, мазмуни ин иқтибос ба мавҷудияти мушкилоти сохторӣ дар низоми истифода ва такористеҳсоли захираҳои замин ишора менамояд. Маҳз заиф будани механизмҳои иқтисодии идоракунӣ боис мегардад, ки равандҳои деградатсионӣ хусусияти устувор касб намоянд. Дар чунин шароит зарурати ҷорӣ намудани механизмҳои самараноки танзим, аз ҷумла дар доираи консепсияи сифртахриби замин, аҳамияти бештари илмӣ пайдо мекунад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи устувори захираҳои замин ҳамчун пояи ташаккули модели миллии идоракунии устувори соҳаи кишоварзӣ мавқеи калидӣ доранд. Қайд шудааст, ки истифодаи захираҳои замин дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ наметавонад танҳо ба усулҳои классикии агротехникӣ такя намояд, зеро мураккабии равандҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалӣ зарурати ташаккули модели миллии мукаммали идоракунии истифодаи заминро тақозо мекунад. Вобаста ба ин, дар раванди таҳқиқот равшан гардидааст, ки рушди модели миллӣ танҳо дар ҳамбастагии усулҳои байналмилалии LDN, принсипҳои байналмилалии истифодаи устувор ва хусусиятҳои миллии захираҳои замин имконпазир мегардад.

Дар раванди таҳқиқот муайян шудааст, ки модели миллии идоракунии устувори замин бояд ҳамчун низоми мукаммал амал намояд, ки ҳам заминаҳои ҳуқуқӣ, ҳам механизмҳои иқтисодӣ, ҳам назорати экологӣ ва ҳам имкониятҳои технологиро дар бар мегирад. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта, инчунин таҳлили шароити маҳаллӣ, барои Тоҷикистон муҳим аст, ки модели миллӣ дорои сохтори зинавӣ бошад: сатҳи давлатӣ, сатҳи вилоятӣ ва сатҳи хоҷагиҳо. Дар раванди таҳлил муайян гардид, ки ҳар як зинаи модели миллӣ вазифаҳои мушаххас дорад: сатҳи давлатӣ - танзим, назорат, ҳавасмандсозӣ ва меъёргузорӣ; сатҳҳои минтақавӣ - мониторинг, татбиқи барномаҳо ва идоракунии инфрасохтори обу замин; сатҳи хоҷагиҳо - амалисозии таҷрибаи устувори аграрӣ, нигоҳдории хосиятҳои хок ва коҳиши хавфҳои экологӣ.

Дар диссертатсия ташаккули модели миллӣ ҳамчун як низоми ҳамгиро тавсиф мегардад, ки вазифаи асосии он таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Дар шароити кишвар модели миллӣ наметавонад нусхаи бевоситаи моделҳои хориҷӣ бошад, балки бояд ба шароити иқлимӣ, гидрологӣ, паст шудани ҳосилнокии зироатҳо, дастрасии инфрасохтор, имкониятҳои хоҷагиҳои хурд ва хусусиятҳои қонунгузории миллӣ мутобиқ карда шавад. Вобаста ба ин, дар диссертатсия зарурати таҳияи маҷмуи нишондиҳандаҳои миллӣ барои мониторинги устувории замин таъкид мегардад, ки онҳо имкони назорати воқеии деградатсия, динамикаи ҳосилхезӣ ва сатҳи дастрасии захираҳоро фароҳам месозанд.

Дар таҳлил муайян гардид, ки яке аз ҷузъҳои муҳимми модели миллӣ, ки бояд такмил ёбад, механизмҳои иқтисодии ҳавасмандсозӣ мебошанд. Барои Тоҷикистон татбиқи пардохтҳои ҳавасмандсозӣ барои ҳифзи замин, субсидияҳои экологӣ, механизмҳои «пардохт барои хизматрасониҳои экосистемавӣ», инчунин дастгирии технологӣ ва қарздеҳии хоҷагиҳо аҳаммият дорад. Қайд мешавад, ки бе ин механизмҳо гузариш ба модели устувори истифодаи захираҳои замин душвор аст, зеро хоҷагиҳои хурду миёна маблағҳои кофӣ барои барқарорсозии ҳосилнокии хок, беҳсозии обёрӣ ва истифодаи технологияҳои ҳозиразамон надоранд.

Дар маҷмуъ, консепсияи «сифртахриб» наметавонад дар муҳити ҷудогона амал кунад. Танҳо бо шарти ҳамгироии оқилона ва илмӣ асосноки захираҳои обу замин, паст кардани фишорҳои антропогенӣ ва ташкили низоми ҳамоҳангсозии институтсионалӣ, метавон ба ҳадафи истифодаи устувори захираҳои табиӣ, афзоиши ҳосилнокии замин ва ҳифзи муҳити зист ноил гардид, ки барои кишваре чун Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Зеро, чуноне ки С.А. Мирсаидов ва О.О. Исломов қайд менамоянд, «ба туфайли рушди индустриализатсия ва урбанизатсия захираҳои замин маҳдуд мегардад… дар Тоҷикистон кам шудани заминҳои кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ мушоҳида мешавад… муаммои истифодаи оқилонаи ин заминҳо ҷузъи асосии амнияти озуқаворӣ гардидааст» [8, с. 77]. Ба назари мо, ин дидгоҳ бештар ба зарурати бознигарии афзалиятҳои сиёсати аграрӣ ишора менамояд, зеро коҳишёбии заминҳои кишоварзӣ ва маҳдуд гардидани онҳо талаб мекунад, ки на танҳо механизмҳои ҳифз, балки самаранокии истифода ва афзоиши маҳсулнокии онҳо низ дар маркази сиёсати давлатӣ қарор дода шавад.

Раванди ташаккули муносибатҳои нави заминдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусияти бисёрсатҳӣ буда, аз марҳилаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилию идоракунӣ ва механизмҳои ҳавасмандсозӣ иборат аст. Ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ асоси таъсиси шаклҳои нави хоҷагидорӣ, барқарорсозии ҳуқуқҳои истифодабарӣ ва баланд бардоштани масъулияти экологӣ дар истеҳсолоти кишоварзиро ташкил додааст.

Шаклҳои муосири муносибатҳои замин, ба сегонаи асосӣ такя мекунанд: ҳуқуқи устувори истифодабарӣ, танзими иқтисодӣ ва назорати экологӣ. Вобаста ба ин, дар диссертатсия зарурати таҳкими асосҳои

ҳуқуқии истифодаи замин, аз ҷумла дақиқсозии ҳуқуқҳои истифодабарӣ, шаффофияти муомилоти замин ва такмили механизмҳои баҳисобгирии кадастрӣ ҳамчун унсурҳои муҳимми низоми устуворii идоракунӣ асоснок шудааст.

А.Б. Мирсаидов ва С.К. Шарифов қайд менамоянд, ки «..., барои арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзии дар дараҷаи аввал, бояд маълумоти зерин вуҷуд дошта бошад: - мавҷудияти заминҳои кишоварзӣ аз рӯйи намудҳо (заминҳои корам, алафзорҳо, чарогоҳҳо, заминҳои бекорхобида, заминҳои киштзори бисёрсола) ва аз рӯйи минтақаҳои табиию иқлимӣ ва дараҷаи ҳосилхезӣ фарқ кардани онҳо; - нишондиҳандаҳое, ки меъёрҳои дурнамои рушди соҳаҳои рушди ҷудогонаи истеҳсолоти кишоварзиро мувофиқи стратегияи тараққиёти минтақа ва барномаҳои мақсадноки амалкунанда инъикос менамоянд; - сохтори аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи майдонҳои кишт, ки ивазкунии оқилонаи зироатҳои кишоварзӣ ва сер кардани киштгардонро бо зироатҳои алоҳида ё гурӯҳҳои онҳо таъмин менамояд ва ғ.» [7, С.8]. Дидгоҳи муаллифони мазкур ба аҳамияти ташаккули заминаи иттилоотии мукаммал ва системаи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ дар баҳодиҳии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ ишора менамояд. Маҳз дастрасии маълумоти дақиқ ва муфассал оид ба таркиб, сифати замин ва сохтори истифодаи он имкон медиҳад, ки қарорҳои идоракунӣ дар заминаи илмӣ қабул гардида, самаранокии истифодаи захираҳои замин таъмин карда шавад.

Дар диссертатсия ҳамчунин масъалаи таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва демографӣ ба муносибатҳои истифодаи замин мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Афзоиши аҳолӣ, камзаминӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва паст будани сатҳи саводнокии техникӣ ба самаранокии истифодаи замин таъсири мустақим мерасонанд.

Муносибатҳои институтсионалӣ дар соҳаи истифодаи замин бояд ба модели ҳамгиро такя намоянд, ки дар он сохторҳои давлатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ташкилотҳои соҳавӣ ва ҷомеаҳои деҳот нақшҳои мушаххас дошта бошанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки набудани ҳамоҳангсозии муассир байни ин субъектҳо ва заъфи механизмҳои идоракунӣ ба пастшавии самаранокии истифодаи замин оварда мерасонад. Танҳо дар сурати такмили институтҳои мониторинг, назорати экологӣ, кадастри рақамӣ ва банақшагирии хоҷагидорӣ имконияти устувор намудани муносибатҳои замин фароҳам мешавад, ки ин раванд дар расми 1 ҳамчун сохтори функсионалии ҳамгирошуда инъикос ёфтааст.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки муносибатҳои муосири истифодаи замин дар шароити Тоҷикистон бояд дар асоси се сутун ташаккул ёбанд: такмили ҳуқуқӣ, ҳавасмандсозии иқтисодӣ ва устуворii институтсионалӣ. Рушди ин муносибатҳо барои таъмини устуворii экологӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ҳифзи хосиятҳои табиии хок ва ташаккули модели муосири идоракунии замин аҳаммияти меҳварӣ дорад.

Расми 1. Схемаи сохтории механизми экологӣ-иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (таҳияи муаллиф)

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки масъалаи таъмини сифртахриби истифодаи самараноки захираҳои замин (LDN) дар таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидии сиёсати экологӣ ва аграрӣ ташаккул ёфта, мақсад дорад тавозуни байни истифода ва барқарорсозии заминро таъмин намояд. Дар ин замина Н.В. Комов ва А.С. Чешев қайд менамоянд, ки «…дар ҷаҳон ду равиши асосӣ барои қабули қарорҳо оид ба идоракунии самараноки захираҳои замин мавҷуд аст…: дар сатҳи маҳаллӣ бо иштироки васеи ҷомеа ва идоракунии мутамарказ бо вогузории қисман ваколатҳо ба мақомоти маҳаллӣ. … Ғайримарказонидан аксар вақт манбаи ихтилофҳо байни идораҳои гуногун мегардад... Аз ин рӯ, … бисёр кишварҳо то андозае хусусияти мутамаркази қабули қарорҳоро дар соҳаи истифодаи замин нигоҳ медоранд» [4, с. 8]. Яъне ҳамоҳангсозии институтсионалӣ дар низоми идоракунии захираҳои замин шарти асосии пешгирии ҳар гуна ихтилофҳо ба ҳисоб меравад, ки дар таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ба таври самаранок истифода мешавад.

Дар ин замина, нигоҳдории механизмҳои мутамарказ ҳамчун шарти муҳими таъмини якпорчагии сиёсати истифодаи замин арзёбӣ мегардад.Таҳқиқот нишон медиҳад, ки аксари давлатҳои ҷаҳон - аз Иттиҳоди Аврупо то Ҷумҳурии мардумии Чин, Россия, Қазоқистон ва Узбекистон - LDN-ро ҳамчун ҳадафи стратегии дарозмуддат қабул кардаанд ва таҷрибаи онҳо барои кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, аҳаммияти ҷиддии назариявӣ ва амалиро дорост. Вобаста ба ин, дар таҳлили диссертатсия равшан мегардад, ки самаранокии механизми сифртахриб, пеш аз ҳама, ба ҳамгироии қонунгузории миллӣ, механизмҳои иқтисодии ҳавасмандгардонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири мониторинг вобаста мебошад.

Таъкид мегардад, ки барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои минтақавӣ, истифодаи технологияи no-till, кишти чархзанӣ ва мониторинги моҳвораві имкон доданд, ки дар як қатор кишварҳо суръати эрозия коҳиш ёфта, ҳосилнокӣ боло равад. Қазоқистон низ бо қабули стратегияи миллии сифртахриб, рушди кишоварзии органикӣ, барномаҳои барқарорсозии чарогоҳҳо ва ҷорӣ намудани системаҳои субсидия барои технологияҳои сарфакор тавонист нишондиҳандаҳои мусбат, аз ҷумла барқарорсозии миллионҳо гектар замини деградатсияшуда ва афзоиши ҳосилнокиро ба даст орад.

Ҳамчунин, дар диссертатсия таҷрибаи Узбекистон оварда шудааст, ки таъмини сифртахриbро бо стратегияҳои нави об, барномаҳои азими барқарорсозии ҳавзаи Арал, рушди кишоварзии органикӣ ва технологияи обсарфакор пайваст менамояд. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи LDN дорои аҳаммияти васеи амалии муқоисавӣ мебошад. Бидуни ҳамоҳангии сиёсати давлатӣ, механизмҳои ҳавасмандсозии иқтисодӣ ва истифодаи васеи технологияҳои муосири мониторинг таъмини сифртахриб ғайримумкин аст. Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафта ба Тоҷикистон имконият медиҳад, ки стратегияи миллии ҳифзи заминро бо назардошти

стандартҳои байналмилалӣ таҳия намуда, барномаи миллӣ оид ба LDN-ро бо самтҳои афзалиятноки сиёсати аграрӣ ва экологӣ ҳамоҳанг кунад.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили вазъи ҷорӣ ва хусусиятҳои истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», вазъи умумӣ ва тамоюли истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили омилии густариши тахриби захираи замини кишоварзӣ дар кишвар, вазъи танзими давлатӣ ва сиёсати ҳифзи замин дар Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардидааст.

Истифодаи захираҳои замини кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз рукнҳои асосии рушди деҳот ва таъмини амнияти озуқавории миллӣ ба ҳисоб рафта аҳаммияти калидӣ дорад. Бо дарназардошти он ки беш аз 71,4 фоизи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунад ва бахши калони иқтисоди миллӣ ба соҳаи кишоварзӣ вобаста аст, тарзи идоракунии самаранок ва устувори истифодаи замин аҳаммияти стратегӣ касб мекунад. Дар шароити афзоиши аҳолӣ, тағйирёбии иқлим ва таҳдидҳои экологӣ, истифодаи оқилона ва муҳофизатии захираҳои замин ба як масъалаи ҳаётан муҳим табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он ки дорои захираҳои маҳдуди замини кишоварзист, вале дар истифода ва тақсимоти ин захираҳо бо як қатор мушкилоти сохторӣ, институтсионалӣ ва технологӣ рӯбарӯ мебошад. Дар сатҳи миллӣ, тибқи маълумоти оморӣ, танҳо тақрибан 7 % масоҳати умумии кишварро заминҳои корам ва заминҳои обӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо на танҳо манбаи асосии истеҳсоли зироатҳои ғизоӣ мебошанд, балки бар дӯши худ бори таъмини амнияти озуқавории кишварро низ доранд. Аз ин рӯ, истифодаи дуруст, ҳифзи қобилияти истеҳсолӣ ва пешгирии деградатсияи заминҳои обӣ масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Б.С. Зиёев ва М.А. Бобиева қайд менамоянд, ки «муносибатҳои заминӣ бисёрҷанба буда, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаро фаро мегиранд… аз ҷумла муносибатҳои моликият (соҳибият, истифода ва ихтиёрдорӣ), муносибатҳои шартномавӣ ва қарзӣ… дар ҷараёни татбиқи онҳо ихтилофҳо ба миён меоянд, ки ҳалли одилона ва қонуниро талаб мекунанд» [1, с. 43]. Ба ибораи дигар, устуворӣ ва рушди муносибатҳои заминӣ то андозае аз самаранокии механизмҳои ҳуқуқии танзими онҳо вобаста мебошад, зеро маҳз онҳо тавозуни манфиатҳои иштирокчиёнро таъмин намуда, заминаи институтсионалии иқтисоди аграриро таҳким мебахшанд, ки ин, дар навбати худ, зарурати давра ба давра гузаронидани ислоҳоти заминро бо дарназардошти такмили муҳити институтсионалӣ ва таъмини тавозуни манфиатҳо тақозо менамояд.

Ислоҳоти замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандест, ки ба тадриҷ тағйир додани шаклҳои моликият, ташкили иқтисодиёти кишоварзии сершакл ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ равона шудааст. Он аз соли 1992 оғоз гардида, ҳадафи он ташкили шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, беҳтар кардани истифодаи замин ва барҳам додани инҳисори давлатӣ дар соҳаи замин мебошад. Замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсол дар

кишоварзӣ дорои хусусияти маҳдудият ва имкони баланд бардоштани ҳосилнокӣ тавассути фаъолияти инсон аст, аз ин рӯ, истифодаи оқилонаи он ва дастгирии давлатӣ аҳаммияти калидӣ доранд.

Дар рисола таъкид карда мешавад, ки ҳолати муосири истифодаи захираҳои замин дар кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи муҳиме ворид шудааст, ки дар он ҳам имкониятҳои эҳтимолӣ ва ҳам таҳдидҳои мавҷуда ба таври возеҳ зоҳир мешаванд. Самаранокии истифодаи захираҳои замин бевосита аз омилҳои табиӣ, иқтисодӣ, институтсионалӣ ва иҷтимоӣ вобаста аст, дар ҳоле ки хусусиятҳои ҷуғрофии кишвар, пеш аз ҳама бартарии релефи кӯҳӣ, имкониятҳои васеъ кардани истеҳсолоти аграриро хеле маҳдуд мекунанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир сохтори захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ таҳти таъсири ислоҳоти аграрӣ, коҳиши имкониятҳои техникӣ ва мелиоративӣ, тағирёбии иқлим ва кам шудани дастрасии захираҳои об тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст.

Таҳлили динамикаи майдони категорияҳои асосии захираҳои замин (ҷадвали 1) нишон медиҳад, ки коҳиши майдони боғҳо нигоҳ дошта мешавад. Дар айни замон, майдони захираҳои замин дар кишоварзӣ, дар маҷмӯъ, амалан бетағйир боқӣ мемонад. Ин, аз ҷумла, ба самаранокии нокифояи тадбирҳои амалишаванда оид ба пешгирии равандҳои тахриби замин дар кишоварзӣ ишора мекунад.

Ҷадвали 1. - Динамикаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳаз.га)

С О Л Ҳ О							
Нишондиҳандаҳо	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/2019, %
Заминҳои кишоварзӣ	3674,1	3673,7	3666,4	3668,9	3683,5	3692,3	100,5
Корами умумӣ	663,9	661,9	661, 0	660,1	661,7	663,1	0,99
Аз ҷумла: обӣ	604,1	604,5	605,1	604,3	606,9	608,0	100,6
Чарогоҳҳо	2820,8	2821,7	2814,8	2818,1	2829,7	2837,2	100,5
Мевагиҳо ва буттамевагиҳо	160,5	161,8	160,9	164,4	166,6	170,0	105,9

Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2025. – С.19, 21,59,120.

Дар кор асоснок карда мешавад, ки истифодаи захираҳои замин дар ноҳияҳои кӯҳӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки саҳми ноҳияҳои кӯҳӣ дар истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ, пеш аз ҳама ғалладонагиҳо ва картошка, назаррас буда, ин ҳолат бо шароити агроиқлимии ҳамин минтақаҳо вобастагӣ дорад (ҷадвали 2). Ҳамзамон, релефи мураккаб ва ноҳамвори маҳал, дурии хоҷагиҳо аз марказҳои

хизматрасонӣ ва сатҳи нокифояи таъмин будан бо инфрасохтор татбиқи чорабиниҳои мелиоративӣ ва агротехникиро мушкил мегардонад.

Ҷадвали 2. - Сохтори масоҳати кишоварзӣ аз рӯйи навъҳои алоҳидаи маҳсулот дар минтақаҳои кӯҳӣ, га

Маҳсулоти кишоварзӣ		2019		2020		2023	
		Ҳамагӣ	Манотиқи кӯҳистон	Ҳамагӣ	Манотиқи кӯҳистон	Ҳамагӣ	Манотиқи кӯҳистон
Ғалладона	I	70846	9379	72386	9204	67277	9158
	II	120208	1818	124831	1470	127351	1373
	III	188263	24470	189464	25792	197872	26766
	IV	4443	2391	4798	2632	4789	4790
	V	**383771**	**38058**	**391484**	**39098**	**398318**	**42087**
Картошка	I	14831	8023	18092	9907	17445	10320
	II	22450	2462	23138	3836	25337	4125
	III	12475	1865	9415	964	11664	1044
	IV	1999	777	2085	810	1837	1826
	V	**51756**	**13127**	**52731**	**15517**	**56577**	**17315**
Сабзавот	I	15572	1379	15366	1313	16607	1517
	II	15887	208	17886	196	18456	226
	III	34884	959	36525	914	37053	884
	IV	672	257	662	253	722	718
	V	**67016**	**2797**	**70440**	**2676**	**73464**	**3345**
Полезӣ	I	827	19	821	12	829	32,4
	II	5661	-	6477	-	6065	-
	III	15393	403	15456	404	16905	464
	IV	2	-	-	-	1	-
	V	**21883**	**422**	**22754**	**416**	**238001**	**496,4**
Эзоҳ : **I** – НТМ; **II** – Суғд**; III** – Хатлон**; IV – В**МКБ; **V** – ҳамагӣ.							

Сарчашма: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2024. -С.147, 149, 150, 151, 154, 155, 156, 157, 158, 159, 160, 161, ва маълумоти фонди замини ҶТ ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии ҶТ. – Душанбе, 2024. - С.1-72.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки равандҳои таназзули замин, аз ҷумла шӯршавӣ ва эрозия, аз ҷумлаи хавфҳои асосии рушди устувори кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ҷумла, шӯршавии заминҳо, махсусан дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд, сол то сол хусусияти фарогиртар пайдо намуда истодааст. Ҳамзамон, коҳиш ёфтани масоҳати заминҳои эрозияшуда дар баъзе ҳолатҳо натиҷаи амалисозии тадбирҳои мелиоративӣ мебошад. Дар баробари ин, чунин тағйирот дар ҳолатҳои алоҳида метавонад ба такмил ё тағйир ёфтани усулҳои баҳодиҳии ҳолати заминҳо низ вобаста бошад. Афзоиши дараҷаи миёнаи шӯршавии заминҳо бевосита боиси паст гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ гардида, дар дурнамо метавонад ба таъмини амнияти озуқавории кишвар таҳдиди ҷиддӣ эҷод намояд (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. - Сабабҳо ва паёмадҳои таназзули захираҳои замин дар кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶАНБАҲО	САБАБҲО	ПАЁМАДҲО
ТАМОЮЛИ УМУМИИ ТАХРИБ	– маҳдудияти захираҳои молиявӣ; – сустии механизмҳои танзим; – афзоиши сарбории антропогенӣ.	***Паст гардидани самаранокии истифодаи заминҳо, коҳиш ёфтани иқтидори истеҳсолӣ***
ШАКЛҲОИ ТАХРИБ	– вайрон гардидани меъёрҳои агротехникӣ; – обёрии бесамар; – норасоии нуриҳои органикӣ.	***Паст шудани ҳосилнокӣ, коҳиш ёфтани сифати маҳсулоти кишоварзӣ***
МИҚЁСИ ПАҲНШАВӢ	– набудани низоми мунтазами мониторинг; – татбиқи нокифояи чорабиниҳои ҳифзи табиат.	***Таҳдид ба амнияти озуқаворӣ, афзоиши вобастагӣ аз омилҳои беруна***
ЗАРУРАТИ ТАҲЛИЛИ АМИҚ	– тафриқаи нокифояи сиёсати замин вобаста ба минтақаҳо.	***Самаранокии маҳдуди қарорҳои идоракунӣ***
ТАЪСИР БА АҲОЛИИ ДЕҲОТ	– паст шудани маҳсулнокии хоҷагиҳо; – ноустувории истеҳсолоти аграрӣ.	***Афзоиши сатҳи камбизоатӣ, шиддат гирифтани муҳоҷирати экологӣ***
ТАҒЙИРОТИ СОХТОРӢ ДАР БАХШИ АГРАРӢ	– ислоҳоти муносибатҳои заминдорӣ; – гузариш ба иқтисодиёти бисёрсоҳавӣ.	***Баланд шудани чандирии низом, аммо афзоиши парокандагии истеҳсолот***
МУШКИЛОТИ ХОҶАГИҲОИ ХУРД	– андозаи хурди хоҷагиҳо; – набудани таъсири иқтисоди миқёс	***Паст шудани ҳосилнокӣ, ақибмонии технологӣ***
МАҲДУДИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГӢ	– фарсудашавии техника; – маҳдуд будани захираҳои молиявӣ.	***Афзоиши осебпазирии истеҳсолоти аграрӣ***

Таҳияи муаллиф

Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногун ба ҳолати агромелиоративии заминҳо вобастагии мустақим дорад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои 2019–2024 афзоиши ҳосилнокӣ асосан дар заминҳои беҳтаршудаи хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Восеъ ба мушоҳида расидааст. Ҳамзамон, коҳиш ёфтани ҳосилнокии пахта ва картошка дар дигар ноҳияҳои вилоят ба бадшавии сифати хок алоқаманд дониста мешавад. Дар баробари ин, истифодаи номутаносиби нуриҳои минералӣ низ ба паст шудани самаранокии истеҳсолот таъсири назаррас мерасонад. Дар ин замина, зарурати гузариш ба низоми аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи истифодаи нуриҳо ба миён меояд. Самти муҳими дигар ҷорӣ намудани технологияҳои муосири мониторинги дақиқи ҳолати заминҳо мебошад.

Дар диссертатсия таъкид мегардад, ки равандҳои аз даст рафтани иқтидори истеҳсолии хок дар ноҳияҳои вилояти Хатлон хусусияти мураккаб ва бисёромила доранд. Маҳдуд будани захираҳои воқеии истеҳсолӣ ва афзоиши сарбории антропогенӣ ба хокҳо ба густариши босуръати равандҳои тахриб мусоидат менамоянд. Дар ин замина, аҳаммияти омӯзиши амиқи омилҳои тахриби замин дар кишоварзии минтақа боз ҳам бештар мегардад. Аз ҷумла, таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои 2020-2024 дар маҷмӯъ зиёда аз 71 ҳазор гектар замин аз гардиши кишоварзӣ хориҷ шудааст ва миқёси бештари ин раванд дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд ба қайд гирифта шудааст. Таҳлили муқоисавии динамикаи хориҷшавии заминҳо (ҷадвали 4) нишон медиҳад, ки сабабҳои асосии ин ҳолат шӯршавӣ, эрозияи бодӣ ва обӣ, инчунин идоракунии ғайрисамараноки чарогоҳҳо мебошанд. Вобаста ба ин, зарурати татбиқи барномаҳои барқарорсозии заминҳо бо дарназардошти такмили низоми истифодаи онҳо ва ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ба миён меояд.

Ҷадвали 4. - Динамикаи аз гардиши кишоварзӣ баромадани заминҳо дар минтақаҳои ҶТ, га

Минтақаҳо	С О Л Ҳ О										+ - 2024 /2020 фарқият
	2020		2021		2022		2023		2024		
	I	II	I	II	I	II	I	II	I	II	
Тоҷикистон	4994	4566	5013	4486	4284	3897	4866	4508	4923	4501	-71
Хатлон	1314	1314	1967	1778	1197	1197	889	889	1007	1007	-307
Суғд	1954	1688	1755	1489	2076	1761	2970	2684	3035	2685	+1081
ВМКБ	324	324	316	316	57	57	53	53	-	-	-324
НТҶ	1402	1240	975	903	954	882	954	882	881	809	-521
Эзоҳ: I – ҳамагӣ; II – аз ҷумла заминҳои обӣ.											

Сарчашма: Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - С.9.

Дар чунин шароит нигоҳдорӣ ва истифодаи самараноки шабакаҳои коллекторию заҳкашӣ, инчунин татбиқи чорабиниҳои зиддишӯршавӣ барои аксари хоҷагиҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ дастнорас мегардад. Ҳамзамон, сатҳи нокифояи ҳамоҳангсозӣ миёни хоҷагиҳои деҳқонӣ боис мегардад, ки чорабиниҳои мелиоративӣ хусусияти муваққатӣ ва кӯтоҳмуддат дошта бошанд. Дар натиҷа, самаранокии онҳо барои беҳтар намудани ҳолати агромелиоративии заминҳо маҳдуд боқӣ мемонад. Умуман, истифодаи модели секунҷа имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва таъсири ҳамзамони омилҳои асосии таназзули захираҳои замин ба таври возеҳ ва аён нишон дода шавад (расми 2).

Расми 2. Робитаи мутақобилаи омилҳои асосии тахриби захираҳои замин дар бахши аграрӣ

Таҳияи муаллиф

Дар кор асоснок карда мешавад, ки дар шароити набудани механизмҳои ҳамкорӣ ва истифодаи муштараки инфрасохтори мелиоративӣ самаранокии чунин чорабиниҳо коҳиш меёбад. Вобаста ба ин, дар диссертатсия таъкид карда мешавад, ки гузариш ба шаклҳои ҳамгирошуда ва муттаҳидаи идоракунии замин, аз ҷумла тавассути таъсиси иттиҳодияҳои заминистифодабарандагон ё ҷорӣ намудани равишҳои кластерӣ, метавонад имкониятҳои татбиқи чорабиниҳои мелиоративиро дар сатҳи хоҷагиҳои деҳқонӣ васеъ намояд. Маҳз чунин равиш имкон медиҳад маҳдудиятҳои марбут ба миқёси фаъолият ва захираҳои молиявӣ бартараф гардида, барои татбиқи амалии консепсияи тахриби сифрии замин заминаҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

Дар баробари ин, таъмин набудани бахши кишоварзӣ бо техникаи муосир ба таҳвият ёфтани равандҳои тахриби замин таъсири назаррас мерасонад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки коҳиш ёфтани шумораи трактороҳо ва комбайнҳо, афзоиши сарборӣ ба техникаи мавҷуда ва истифодаи мошинҳои фарсуда боиси зичшавии қабатҳои хок, вайрон гардидани сохтори табиии он ва афзоиши хатари эрозия мегардад. Бо дарназардошти он ки релеф ва шароити иқлимии кишвар истифодаи техникаи махсусгардонидашударо талаб менамоянд, сатҳи пасти таъмин будан бо техника яке аз омилҳои муҳими шиддатёбии тахриби замин ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия зарурати навсозии парки мошинӣ-трактории, рушди низоми лизинг, ташкили марказҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ дастрас барои хизматрасонии техникӣ ва ҷорӣ намудани

технологияҳои заминдорӣ ва кишоварзии дақиқ ҳамчун самтҳои афзалиятнок асоснок карда мешавад.

Ба андешаи Э.Н. Шералиев ва М.С. Тешаев, «...дар шароити минтақаҳои хушксолӣ вазифаи муҳимтарин истеҳсоли маҳсулоти дорои даромаднокии баланд дар асоси таъмини самаранокии экологӣ ва иқтисодӣ мебошад... дар ин замина баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин, рушди минтақаҳои наздикуҳӣ ва кӯҳӣ, инчунин агроэкосистемаҳо аҳаммияти махсус дорад... ҳамзамон омилҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳангоми баҳодиҳии самаранокӣ ва банақшагирии истифодаи онҳо ба инобат гирифта мешаванд, ки рақобатпазирии соҳаи кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҳамин вобаста аст» [11, С. 124].

Муаллифон ба зарурати гузариш ба равиши ҳамгиро (интегратсионӣ) дар идоракунии захираҳои замин таъкид менамоянд, ки дар он афзалият на танҳо ба натиҷаҳои иқтисодӣ, балки ба устувории экологии истеҳсолоти аграрӣ низ дода мешавад. Ба андешаи мо низ, чунин равиш имкон медиҳад, ки истифодаи захираҳои замин дар заминаи тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ ва экологӣ ба роҳ монда шуда, шароити мусоид барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ фароҳам гардад. Дар чунин шароит баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин бевосита бо сифати экосистемаҳои минтақавӣ ва қобилияти бахши аграрӣ барои мутобиқ шудан ба маҳдудиятҳои табиӣ-иқлимӣ алоқаманд мебошад.

Қайд шудааст, ки танзими давлатӣ ва сиёсати ҳифзи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муҳим қарор дорад, зеро фарсудашавӣ, шӯршавӣ, эрозия ва камсамарии истифодаи заминҳои кишоварзӣ то кунун яке аз масъалаҳои назарраси амнияти озуқаворӣ ва устувории истеҳсолоти аграрӣ боқӣ мондаанд. Заминаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси замин, қонунҳо дар бораи ҳифзи муҳити зист, чарогоҳҳо, боғҳои замин ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, гарчанде асосҳои умумиро муайян менамоянд, дар амал аз норасоии ҳамоҳангсозӣ, механизмҳои нокифояи назорат ва набудани ҳавасмандии иқтисодӣ ранҷ мебаранд. Вобаста ба ин, омилҳои экологии таҳдидкунанда, афзоиши фишори антропогенӣ ва тағйирёбии иқлим зарурати бознигарии сиёсати амалкунандаро шадидан тақозо мекунанд.

Дар баробари ин, таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир маблағгузории давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва бахусус ба ҳифзи замин тамоюли афзуншавӣ дорад, ки ин раванд метавонад барои такмили иқтидорҳои мелиоративӣ ва беҳсозии идоракунии замин замина фароҳам оварад. Дар натиҷаи таҳлили динамикаи маблағгузорӣ, ки дар ҷадвали 5 бозтоб ёфтааст, равшан мегардад, ки афзоиши маблағҳо ба лоиҳаҳои барқарорсозии заминҳои обёришаванда, заҳбуру заҳкашҳо, тармими шабакаҳои мелиоративӣ ва тадбирҳои бар зидди эрозия нигаронида шудааст.

Ҷадвали 5. - Динамикаи маблағгузории давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ (млн. сомонӣ)

С О Л Ҳ О							
Нишондиҳандаҳо	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**	**2024/2019** %
Ҳамагӣ хароҷоти буҷет	16277,4	24798,5	29342,7	35338,9	43034,8	45836,0	2,8
аз он ҷумла: - кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ	353,4	612,9	6624,3	1027, 5	1634,9	1087,0	3,0
- бо % нисбат ба ММД	0,7	0,2	0,2	0,2	0,5	0,2	0,2
- бо % нисбат ба хароҷоти умумии буҷет	2,17	2,47	2,62	2,95	4,79	4,60	2,11
- бо % буҷети тасдиқшуда	97,2	96,1	98,8	99,3	99,5	99,5	1,0
- ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД, бо %	20,9	22,7	22,4	22,9	22,9	22,8	1,0

Сарчашма: Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025. - С.394, 395, 396, 397, 398, 399,400,401, 402, 403, 404, 405, 406, 407, 408, 409, 410, 411.218-362. Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2025.- С. 15.

Вобаста ба ин, зиёдшавии маблағгузорӣ метавонад омили муҳимми таҳкими инфрасохтори ҳифзи замин арзёбӣ шавад, ҳарчанд механизмҳои назорат ва самаранокии истифодаи онҳо ҳанӯз ҳам ниёз ба такмил доранд.

Таҳқиқот нишон дод, ки қонунгузории амалкунанда, сарфи назар аз мукаммалӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, дар сатҳи иҷро бо мушкилиҳои ҷиддӣ мувоҷеҳ аст. Ба хусус, мувофиқати қонунҳо бо якдигар пурра таъмин нашуда, татбиқи онҳо дар сатҳи маҳаллӣ аз норасоии захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва техникӣ вобаста мебошад. Вобаста ба ин, таъмини иҷрои талаботи қонунҳои соҳавӣ, ба монанди истифодаи мақсадноки замин, нигоҳдории қобилияти истеҳсолии хок, ҷилавгирӣ аз шӯршавӣ ва эрозия, дар амал сатҳи паст дорад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки танҳо мавҷуд будани санадҳои ҳуқуқӣ барои ҳалли масъалаи деградатсияи замин кофӣ набуда, зарурати такмили механизмҳои иҷроӣ бештар эҳсос мегардад.

Таҳқиқот ҳамчунин нишон медиҳад, ки барномаҳои давлатӣ - мисли Барномаи миллӣ оид ба мубориза бо биёбоншавӣ, Барномаи рушди соҳаи обёрӣ ва Стратегияи мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим - гарчанде ҳадафҳои муҳим доранд, дар робита ба иҷроиш бо маҳдудиятҳои молиявӣ, вобастагии баланд ба лоиҳаҳои донорӣ ва норасоии мониторинг рӯбарӯ мебошанд. Дар ин замина, маълум аст, ки мутобиқати барномаҳои қабулшуда бо меъёрҳои қонунгузорӣ заиф буда, робитаи байниидоравӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин нашудааст.

Дар навбати худ, таҳлили қонунҳои «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ», «Дар бораи хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ» ва «Дар бораи баҳои замин» нишон медиҳад, ки дар онҳо унсурҳои муҳимми ҳифзи замин ба таври қисман инъикос ёфтаанд. Бахусус, уҳдадориҳои экологӣ аксаран умумӣ буда, механизмҳои ҳавасмандкунӣ ва назорат возеҳ муайян нашудаанд.

Дар чунин ҳолат истифодабарандагони замин бештар ба истифодаи кӯтоҳмуддат ва канорагирӣ аз сармоягузорӣ дар барқарорсозии хок майл пайдо мекунанд, ки ин раванд суръати деградатсияро тезонида метавонад.

Ҳамин тавр, танзими давлатӣ ва сиёсати ҳифзи замин дар Тоҷикистон ба марҳилаи нав ниёз дорад. Такмили қонунгузории соҳавӣ, ҳалли норасоии ҳамоҳангсозӣ миёни ниҳоди давлатӣ, густариши ҳавасмандкунии иқтисодӣ барои истифодабарандагони замин, татбиқи системаҳои рақамӣ ва таҳкими ваколатҳои назоратӣ метавонанд ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар солҳои наздик хидмат кунанд.

Дар боби сеюм – «***Самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ***» роҳҳои татбиқи консепсияи сифртахриби замин дар минтақаҳои Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд ва самтҳои коҳиши деградатсия заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар заминаи татбиқи принсипҳои «сифртахриб» баррасӣ гардидааст.

Татбиқи консепсияи таназзули сифрии замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи калидии гузариш аз таҳлили назариявӣ ба ҳалли амалии мушкилоти таназзули захираҳои замин мебошад. Бо вуҷуди пешрафти назаррас дар омӯзиши сабабҳо ва оқибатҳои вайроншавӣ, стратегияҳои мавҷуда аксар вақт хусусияти нопурра доранд ва хусусияти экосистемаҳои кӯҳӣ, шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва мушкилоти иқлимро, ки барои минтақа хос аст, ба назар намегиранд. Дар робита ба ин, таҳияи механизмҳои мутобиқшудаи ҷорӣ намудани консепсияи таназзули сифрии замин на танҳо зарурати экологӣ, балки шарти рушди устувори кишоварзӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ мегардад. Тавре ки Б.С. Зиёев қайд менамояд, «трансформатсияи муносибатҳои заминӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо зарурати ҷорӣ намудани принсипҳои истифодаи устувори замин алоқаманд аст… бидуни тағйироти ҷиддӣ дар низоми муносибатҳои аграрӣ таъмини рушди устувор ғайриимкон мебошад… зарурати аз нав тақсим ва оқилона истифода бурдани захираҳои замин ба миён меояд» [1, С. 39]. Мо низ бо андешаи муаллиф мувофиқем, зеро дар шароити тағйирёбии босуръати муҳити иқтисодӣ такмили муносибатҳои заминӣ ба омили муҳими баланд бардоштани самаранокии бахши аграрӣ табдил меёбад. Дар баробари ин, мутобиқсозии механизмҳои истифодаи замин ба талаботи муосири рушди устувор ҷорӣ намудани равишҳои навро дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои замин тақозо менамояд.

Ба андешаи С. А. Мирсаидов, «Дар ҷумҳурӣ маҷмӯи чораҳо дар самти таъмини параметрҳои истифодаи устувори замин, пеш аз ҳама эҳёи киштгардон (севооборот), амалӣ гардида истодаанд. Бо вуҷуди ин, ин чораҳо ҳанӯз ба раванди истифодаи интенсивии замин ва истифодаи пуршиддати захираҳои хокию замин дар ҳамаи минтақаҳои кишвар таъсири назаррас намерасонанд. Дар натиҷаи раванди фаъоли интенсификатсияи истеҳсолот дар субъектҳои хоҷагидорӣ тамоюлҳои

бадшавии заминаи табиӣ-хоҷагидории он мушоҳида мегарданд. Ҳамчунин тамоюлҳои манфии антропоэкологӣ ба назар мерасанд: зиёд шудани масоҳати эрозияи обӣ ва бодӣ, паст гардидани сатҳи гумус дар таркиби хок, шӯршавӣ, зичшавии аз ҳад зиёд, сернамӣ ва биёбоншавии хокҳо. Ин раванд қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои калони аграрии кишвар низ мушоҳида мешавад» [6, С. 194].

Истифодаи ғайриманти қии захираҳои об барои обёрӣ вазъро бадтар мекунад. Инфраструктураи куҳнаи системаҳои обёрӣ, ки дар он зиёда аз 60% каналҳо навсозиро талаб мекунанд, ба талафоти зиёди об оварда мерасонад. Дар заминҳои кишти пахта дар вилояти Хатлон, аз ҳад зиёд гирифтани об аз дарёҳо ва чашмаҳои зеризаминӣ боиси шӯршавии хок мегардад. Имрӯз, тақрибан 15% заминҳои обёришаванда аз ин мушкилот азият мекашанд. Усулҳои обёрӣ, куҳна бухоршави рӯйизаминӣ, ки дар онҳо то 40% об ба саҳро намерасад, захираҳои обро кам мекунанд. Масалан, сатҳи об дар дарёи Вахш дар 20 соли охир 20% коҳиш ёфта, дар байни кишоварзон ташаннуҷ эҷод намуда, ба амнияти озуқаворӣ таҳдид мекунад.

Таҳлили маълумот дар бораи заминҳои кишоварзии Тоҷикистон дар се даҳсолаи охир мушкилоти ҷиддии сохтори истифодаи заминро ошкор мекунад, ки бевосита бо равандҳои таназзули хок алоқаманданд. Тағйироти мушоҳидашудаи майдони кишт тамоюлҳои ташвишоварро нишон медиҳад, ки таҷрибаи ташаккулёфтаи кишоварзиро дар заминаи консепсияи вайроншавии сифрӣ талаб мекунанд.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки ташаккули консепсияи «сифртахриби замин» дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вокуниши зарурӣ ба суръат гирифтани равандҳои деградатсия, паст шудани қобилияти истеҳсолии хок, зиёд шудани фишори антропогенӣ ва маҳдудияти ҷиддии захираҳои заминҳои корам ифода меёбад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки маҳз дар шароити иқлими континенталии шадид, релефи кӯҳӣ ва диверсификатсияи пасти таркиби истеҳсолӣ, эҳтиёҷ ба гузариши системавӣ ба модели устувори истифодаи замин бештар эҳсос мешавад. Вобаста ба ин, консепсияи сифртахриби замин ҳамчун ҷузъи калидии сиёсати миллӣ дар соҳаи кишоварзӣ баромад карда, дорои ҳам заминаҳои илмӣ ва ҳам самтҳои амалии татбиқ мебошад. Консепсияи мазкур ду самти асосӣ дорад: яке - ҷилавгирӣ аз афзоиши майдони деградатсия ва дигаре - барқарорсозии иқтидори биологии заминҳои аллакай осебдида. Амалисозии ин самтҳо бештар аз чорабиниҳои беҳдоштӣ ва тарзи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ вобаста мебошад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар хусусиятҳои фарқкунандаи таъсиррасонӣ ба ҳолати замин ба мушоҳида мерасанд, ки ин пеш аз ҳама бо шароити табиӣ-географӣ, сатҳи истифодаи хоҷагидории замин ва дараҷаи фишори антропогенӣ вобастагӣ дорад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои водигӣ ва ҳавзаҳои водии дарёҳо, ки кишоварзӣ асосан ба заминҳои обӣ такя мекунад, мушкилоти

асосӣ бо шӯршавии хок, таназзули ҳолати мелиоративӣ ва пастшавии самаранокии шабакаҳои заҳбуру заҳкаш алоқаманд мебошад. Истифодаи тӯлонии обёрӣ дар шароити норасоии чораҳои мелиоративии муосир боиси ҷамъшавии намакҳо дар қабати болоии хок гардида, ҳосилхезии заминҳоро тадриҷан коҳиш медиҳад.

Ҳамзамон, дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикуҳӣ, ки қисми зиёди заминҳои кишоварзӣ дорои нишебӣ ва шароити маҳдуди обёрӣ мебошанд, равандҳои деградатсияи замин асосан дар шакли эрозияи бодӣ ва обӣ зуҳур мекунанд. Тадқиқот нишон медиҳад, ки шуста шудани қабати болоии хок, пастшавии захираи гумус ва заиф гардидани таркиби табиии хок дар чунин минтақаҳо ба яке аз омилҳои асосии коҳиши устувории истеҳсолоти кишоварзӣ табдил ёфтааст. Илова бар ин, истифодаи номуносиби техникаи кишоварзӣ ва риоя нагардидани талаботи агротехникӣ дар қитъаҳои нишеб равандҳои фарсудашавии хокро боз ҳам шиддат мебахшад.

Вобаста ба ин, дар диссертатсия таъкид мегардад, ки истифодаи равишҳои ягонаи идоракунии замин барои ҳамаи минтақаҳо самаранок набуда, метавонад таъсири маҳдуд дошта бошад. Н.Б. Комилов қайд менамояд, ки «... айни замон қариб 137,7 ҳазор гектар заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ дар ҳолати қаноатбахши мелиоративӣ қарор доранд. Истифодаи нодурусти об дар ин заминҳо метавонад боиси ба категорияи «ғайриқаноатбахш»-и мелиоративӣ гузаштани онҳо гардад. Барои ҳамин, мақсаднок ва самаранок истифода бурдани маблағҳои ҷудокардашуда оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, зеро дар айни замон ҳосилнокии зироатҳои техникӣ (пахта) дар заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш ниҳоят паст буда, 10-12 с/га-ро ташкил медиҳанд» [3, С.193]. Тахриби замин дар вилояти Хатлон бо коҳиши сатҳи моддаҳои ғизоӣ ва карбони органикӣ низ алоқаманд аст. Бо сабаби истифодаи аз ҳад зиёди нуриҳои минералӣ ва бе чархзании дурусти зироатҳо, иқтидори табиии баркароршавии хок заиф шудааст. Ин ҳолат хусусан, дар заминҳои аз нав таҷдидношуда ва бе истифодаи поруи органикӣ аён мегардад.

Ба андешаи Саидмуродзода Ҷ.Ҷ. ва М.И. Икромӣ, «…ворид намудани нуриҳои минералӣ ба хок, инчунин мубориза бо касалиҳо ва ҳашароти зараррасон меъёр ва қоидаҳои мушаххаси худро доранд. Норасоии нуриҳои минералӣ, воситаҳои кимиёвӣ, стимуляторҳои рушд ва моддаҳои заҳрнок ё вайрон кардани қоидаҳои истифодаи онҳо боиси баланд шудани ҳосилнокӣ намегардад. Ҳамзамон, истифодаи зиёдатии онҳо ба ифлосшавии муҳити зист оварда мерасонад…» [9, с. 76]. Муаллифон қайд менамоянд, ки риояи меъёрҳои аз нигоҳи илмӣ асоснок дар таъминоти агрохимиявӣ шарти асосии истифодаи самараноки замин ба ҳисоб меравад, зеро ба назар нагирифтани параметрҳои оқилонаи истифодаи нуриҳо ба коҳиши ҳосилнокии замин ва афзоиши хатарҳои экологӣ оварда мерасонад.

Бояд таъкид кард, ки равандҳои деградатсионӣ таъсири бевосита ба сатҳи истеҳсолот, амнияти озуқаворӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон мегузоранд. Хусусан, дар оилаҳои дорои замини кам ва бе таҷҳизот, шиддат гирифтани деградатсия боиси пастравии даромад ва афзоиши хавфи камбизоати мегардад.

Муҳити табиӣ ва фаъолияти инсонӣ дар вилояти Хатлон боиси ба вуҷуд омадани як қатор омилҳои деградатсионӣ мегарданд. Ин омилҳо метавонанд ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим шаванд: табиӣ (биоэкологӣ) ва антропогенӣ (иқтисодӣ-иҷтимоӣ).

Сабабҳои табиӣ, асосан, ба хусусиятҳои агроиқлимӣ, обу хок ва тағйирёбии иқлим вобастаанд. Вилояти Хатлон минтақаи гарм ва нисбатан камоб ба ҳисоб меравад. Миқдори солонаи боришот дар қисми ҷанубии вилоят (Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ) камтар аз 250 мм-ро ташкил медиҳад. Дар чунин шароит, норасоии об ва бухоршавии баланд боиси шӯршавии хок мегардад. Ғайр аз ин, тағйироти иқлим, аз ҷумла афзоиши ҳарорати миёна ва коҳиши боришоти мураттаб, равандҳои биёбоншавиро суръат мебахшад. Сабабҳои антропогенӣ бошанд, хислати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ доранд. Аввалан, фишори аҳолӣ ба захираҳои замин хеле зиёд аст. Аксари аҳолии деҳот дар вилояти Хатлон аз ҳисоби истифодаи замин рӯзгор мегузаронанд. Сатҳи камбизоатӣ, паст будани дастрасӣ ба қарз, норасоии таҷҳизоти техникӣ ва маълумоти агрономӣ, инчунин шикастпазирии сохторҳои хизматрасонӣ боиси истифодаи ғайриоқилона мегардад.

Дар диссертатсия қайд мешавад, ки татбиқи консепсия бидуни такмили низоми мониторинг имконнопазир аст. Истифодаи GIS, системаи кадастри рақамӣ, харитаҳои таҳлили замин ва мониторинги пайвастаи ҳолати хок метавонад имконияти эҳё ва нигоҳдории иқтидори табиии заминҳоро ба маротиб боло барад. Дар айни замон, дар бисёре аз ноҳияҳо дастрасӣ ба чунин технология кам буда, зарурати ташкили марказҳои минтақавии мониторинг, омӯзиши мутахассисон ва такмили инфрасохтори техникӣ ба миён меояд. Бе ҳавасмандии иқтисодӣ, дастрасӣ ба ташвиқҳои давлатӣ, имтиёзҳои андоз, грантҳои барқарорсозӣ ва имкони истифодаи технологияҳои сарфакунанда, истифодабарандагон наметавонанд ба барқарорсозии заминҳо сармоягузорӣ анҷом диҳанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки консепсияи сифртахриби замин дар Тоҷикистон танҳо дар сурате татбиқ мегардад, ки маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ, институтсионалӣ, технологӣ ва муҳандисӣ дар як заминаи ягона муттаҳид карда шаванд. Ин раванд ниёз ба роҳнамо, харитаи роҳ ва ҳамоҳангсозии байниидоравӣ дорад (ҷадвали 6).

Иҷрои харитаи роҳ имкон медиҳад, ки раванди гузариш ба модели устувори истифодаи замин дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ суръат бахшида шуда, ҳамгироии тадбирҳои иқтисодӣ, экологӣ ва институтсионалӣ таъмин гардад.

Ҷадвали 6. - Харитаи роҳ (дорожная карта)-и татбиқи консепсияи сифртахриби замин дар минтақаҳои Тоҷикистон

САМТИ АМАЛ	ЧОРАБИНИҲО	МАҚОМОТИ МАСЪУЛ	МУҲЛАТ	НАТИҶАИ ИНТИЗОРШАВАНДА
ТАЪСИСИ СИСТЕМАИ МИЛЛИИ МОНИТОРИНГИ РАҚАМӢ	Ташкили GIS-мониторинг, харитаҳои кадастрии рақамӣ, марказҳои минтақавии назорати хок	АИКТ, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ, мақомоти маҳаллӣ	2025–2027	Бунёди низоми мониторинги доимӣ, маълумоти дақиқ барои таҳлил ва идоракунии замин
БАРҚАРОРСОЗИИ ЗАМИНҲОИ ДЕГРАДАТСИЯШУДА	Тоза кардани шабакаҳои заҳбуру заҳкаш, барқарорсозии заминҳои шӯр, тадбирҳои зиддиэрозия	АИКТ, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ, хоҷагиҳои деҳқонӣ	2025–2030	Паст шудани шиддати деградатсия, афзоиши қобилияти истеҳсолии хок
ҶОРӢ НАМУДАНИ ТЕХНОЛОГИЯИ АГРОЭКОЛОГИИ САРФАКУНАНДА	Истифодаи поруи органикӣ, нуриандозии илмӣ-асосёфта, киштзори даврӣ, технологияҳои нави илмӣ	Вазорати кишоварзӣ, марказҳои илмӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ, хоҷагиҳои кооперативӣ	2025–2028	Афзоиши ҳосилнокӣ, коҳиши шӯршавӣ ва эрозия
ДАСТГИРИИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ЗАМИН	Субсидияҳо, грантҳо барои барқарорсозӣ, лизинг барои техника, имтиёзҳои андозӣ	Ҳукумат, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ, Вазорати молия, Бонкҳои давлатӣ	2025–2030	Ҳавасмандии иқтисодӣ барои ҳифзи замин ва навсозӣ
РАҚАМИКУНОНИИ ИДОРАКУНӢ ВА ШАФФОФИЯТ	Татбиқи платформаи ягонаи рақамӣ барои бақайдгирӣ, иҷозатнома ва назорат	АИКТ, хадамоти кадастр, мақомоти маҳаллӣ	2026–2029	Камшавии хатогиҳои идорӣ, шаффофияти истифодаи замин
ОМӮЗИШ ВА БАЛАНДБАРДОРИИ МАЛАКАИ МУТАХАССИСОН	Барномаҳои омӯзишӣ, курсҳо, марказҳои тренингӣ	ДМТ, ДАТ, марказҳои илмӣ ва лоиҳаҳои байналмилалӣ	2025–2030	Афзоиши иқтидори инсонӣ, омодагии кадрӣ барои татбиқи консепсия
ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ҲАМОҲАНГСОЗИИ БАЙНИИДОРАВӢ	Бознигарии Кодекси замин, ҳамоҳангсозии қонунҳо, тақвияти механизмҳои назорат	Парламент, Ҳукумати ҶТ, АИКТ	2025–2027	Мустаҳкамшавии заминаи ҳуқуқӣ барои гузариш ба сифртахриб

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо татбиқи ин чорабиниҳо шароити лозима барои кам намудани суръати деградатсия, баланд бардоштани ҳосилнокии замин ва таҳкими амнияти озуқавории кишвар фароҳам меояд. Ҳамин тавр, консепсияи сифртахриби замин метавонад ба яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатии рушди устувори кишоварзӣ табдил ёбад.

Дар диссертатсия цайд шудааст, ки вилояти Хатлон ҳамчун яке аз вилоятҳои асосии аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти бузурги стратегӣ мебошад. Аз ҷиҳати масоҳат ва ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, он дар ҷойи аввал қарор дошта, зиёда аз 40 фоизи истеҳсоли умумии маҳсулоти соҳа ба он рост меояд. Аммо дар баробари ин, фишор ба захираҳои замини кишоварзӣ дар Хатлон ба таври нигаронкунанда афзоиш меёбад.

Мувофиқи маълумоти омории расмӣ, ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Восеъ, Кӯлоб, Фархор ва Мир Саид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи минтақаҳое ба шумор мераванд, ки дар онҳо ҳамзамон афзоиши аҳолии деҳот ва пастшавии сифати захираҳои замин мушоҳида мегардад

Дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ки дорои релефи кӯҳистонӣ ва заминҳои нишеб мебошад, равандҳои эрозияи обӣ ва бодӣ шиддати бештар доранд. Пеш аз татбиқи чораҳои ҳифзи замин (давраи 2015–2019), ҳиссаи заминҳои зери эрозия тамоюли афзоиш дошта, ҳосилнокии зироатҳои асосӣ дар сатҳи нисбатан паст қарор дошт. Таҳлил нишон медиҳад, ки маҳз набудани заҳбуру заҳкашҳои муосир, истифодаи маҳдуди кишти чархзананда ва фарсуда будани техникаи кишоварзӣ ба паст шудани самаранокии истифодаи замин мусоидат намудааст.

Дар ноҳияи Восеъ бошад, фишори демографӣ ва васеъшавии заминҳои кишт дар заминаи захираҳои маҳдуди об боиси афзоиши майдони заминҳои шӯр гардидааст. Пеш аз татбиқи чораҳо, нишондиҳандаҳои гумуси хок тамоюли пастшавӣ дошта, ин ҳолат ба коҳиши ҳосилнокии зироатҳо таъсири манфӣ расонидааст. Махсусан, дар хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ мушкилоти дастрасӣ ба нуриҳои органикӣ ва технологияҳои сарфакори об мушоҳида мегардид.

Дар ноҳияҳои Кӯлоб ва Фархор, ки дорои иқтидори баланди кишоварзӣ мебошанд, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот асосан бо роҳи васеъкунии майдони кишт амалӣ мегардад, на тавассути баланд бардоштани ҳосилнокӣ. Ин раванд дар шароити истифодаи нокифояи усулҳои агромелиоративӣ ба зиёдшавии фишор ба хок ва пастшавии устувории экосистемаи аграрӣ оварда расонидааст. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар ин ноҳияҳо низ то оғози чорабиниҳои ҳадафнок нишондодҳои сифати хок тамоюли устувори мусбат надоштанд.

Таҷрибаи амалии ноҳияҳои вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки татбиқи равиши сифртахриби заминҳои кишоварзӣ дар сатҳи маҳаллӣ метавонад ҳамчун абзори самараноки ҳамзамон ҳифзи захираҳои табиӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ хизмат намояд. Бо дарназардошти фарқиятҳои табиӣ, демографӣ ва иқтисодии ноҳияҳо,

модели мазкур бояд мутобиқ ба шароити маҳаллӣ татбиқ гардида, пеш аз ҳама ба минтақаҳои осебпазир, аз ҷумла ноҳияҳои кӯҳистонии Шамсиддин Шоҳин ва ноҳияҳои дорои фишори баланди демографӣ равона карда шавад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки баҳои воқеӣ додан ба имкониятҳои татбиқи консепсияи сифртахриби истифодаи замин танҳо дар асоси таҳлили омори вазъият имконнопазир мебошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки раванди деградатсияи замин, барқарорсозии иқтидори истеҳсолии хок ва ҳаракат ба самти LDN характери динамикӣ дошта, аз маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, технологӣ, институтсионалӣ ва экологӣ вобаста аст.

Вобаста ба ин, барои арзёбии имкониятҳои дарозмуддати рушди устувори соҳаи кишоварзӣ ва муайян кардани натиҷаҳои эҳтимолии чорабиниҳои пешниҳодшуда, истифодаи модели иқтисодиву риёзии дурнамо, ки тавонад таъсири омилҳои асосиро то давраи то соли 2035 ба таври миқдорӣ инъикос кунад, зарур шумурда мешавад. Чунин модел бояд на танҳо тағйирёбии нишондиҳандаҳои калидӣ, аз қабили иқтидори истеҳсолии хок, сатҳи гумус, ҳосилнокии зироатҳо ва ҳаҷми заминҳои барқароршуда, балки вобастагии онҳоро аз сармоягузорӣ ба барқарорсозии замин, ҷорӣ намудани технологияҳои агроэкологӣ ва коҳиши шиддати деградатсия ба инобат гирад. Модели таҳияшуда имкон медиҳад, ки дар доираи як низоми ягона таъсири тадриҷии чорабиниҳои пешниҳодшуда ба нишондиҳандаҳои LDN, аз ҷумла барқарорсозии заминҳои деградатсияшуда ва афзоиши қобилияти истеҳсолии хок, моделиронӣ карда шавад. Ҳамин тариқ, модели иқтисодиву риёзии дурнамо ҳамчун воситаи муҳимми асосноккунии илмӣ ва амалӣ барои интихоби самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва барномаҳои минтақавии ҳифзу барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ хизмат мекунад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки баҳодиҳии раванди деградатсияи захираҳои замини кишоварзӣ дар сатҳи минтақа танҳо дар ҳолате дақиқ ва асоснок мешавад, ки динамикаи омилҳои асосии шӯршавӣ, эрозия, гумус ва сармоягузории инфрасохтори замин ба таври маҷмуӣ таҳлил гардад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки маҳз муттаҳидсозии омории индикаторҳои мелиоративӣ имкон медиҳад сатҳи хатар, динамикаи тағйирот ва самаранокии чорабиниҳои ислоҳӣ то соли 2035 ба таври сенариявӣ арзёбӣ карда шавад. Вобаста ба ин, ҷадвали зер ҳамчун базаи ибтидоӣ барои ҳисобҳои минбаъда қабул мегардад (ҷадвали 7).

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон тағйирёбии масоҳати киштшуда дар солҳои гуногун яксон нест ва ин барои ҳисобҳои деградатсия аҳаммияти методологӣ дорад. Дар ҳамин замина, майдонҳои шӯр ва зери эрозия на ҳамчун ададҳои «гирдшуда», балки ҳамчун натиҷаи ҳисоби мутақобил бо масоҳати воқеии киштшуда қабул шуданд, ки ба эътимоднокии модели сенариявӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ҷадвали 7. – Маълумоти ибтидоӣ барои модел (Хатлон)

С О Л Ҳ О					
Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2020	2024
Масоҳати кишт, га	447394	419990	406795	426319	433 998
Масоҳати шӯр, га	27 996	30 027	31 989	33 515	34 459
Масоҳати зери эрозия, га	20 003	21 010	22 012	22 805	23 523
Сатҳи гумус, миёна барои заминҳои обӣ (%)	1,35	1,32	1,29	1,24	1,21
Заҳбуру заҳкашҳои фаъол (км)	901	934	958	987	1 006
Ҳосилнокии миёна (ц/га)	22,5	24,0	25,0	26,0	27,0
Сармоягузорӣ ба кишоварзӣ (млн сомонӣ)	198,7	263,4	341,9	432,6	519,8

Манбаъ: Минтақаҳои Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. – 132, 133с.; Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025. – С.368; Агентии бехдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бюллетени иттилоотии «Индикаторҳои мелиоративӣ ва сифати хок». - Душанбе, 2024. – С.42

Вобаста ба ин, пояи иттилооти мазкур барои пешгӯии 2027–2035 истифода мешавад ва ба арзёбии таъсири сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори заҳкашӣ ва барқарорсозии сифати хок дар чаҳорчӯби равиши сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ замина мегузорад.

Мақсади асосии модел муайян кардани он аст, ки чӣ гуна тағйироти омилҳои шӯршавӣ, эрозия, сатҳи гумус, фаъолияти шабакаҳои заҳбуру заҳкаш, инчунин сармоягузории давлатию хусусӣ ба ҳосилнокии миёнаи замин ва сатҳи деградатсия то соли 2035 таъсир мерасонанд. Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки истифодаи устувори заминҳо дар вилояти Хатлон аз як тараф, ба омилҳои табиӣ (шӯршавӣ, эрозия, гумус) ва аз ҷониби дигар ба имкониятҳои иқтисодӣ, техникиву инфрасохторӣ вобаста мебошад. Вобаста ба ин, модел ҳамчун системаи функсияҳои мутақобилан вобаста шакл дода мешавад.

Функсияи асосии ҳосилнокӣ (модели фронтирӣ / Cobb–Douglas). Ҳосилнокии миёна (Y) ҳамчун функсияи ҳолати хок ва сатҳи сармоягузорӣ муайян карда мешавад:

$$Y_t = A \cdot K_t^{a} \cdot (1 - S_t)^{\beta} \cdot (1 - E_t)^{\gamma} \cdot H_t^{\sigma}$$

Дар ин ҷо: K_t - сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ; S_t - ҳиссаи замини шӯр; E_t - ҳиссаи заминҳои зери эрозия; H_t - сатҳи гумус; A - коэффитсиенти дараҷаи техникӣ; α,β,γ,δ - эластикостҳои таъсир мебошанд. Қиматҳои тахминӣ барои минтақаҳои Осиёи Марказӣ: α = 0,25; β = 0,30; γ = 0,20; δ = 0,15.

Функсияи таҷаммуи деградатсияи замин. Сатҳи деградатсия дар ҳар сол аз ҳолати соли гузашта вобаста аст:

$$D_t = D_{t-1} + pS_{t+} \theta E_t - \lambda S_t$$

Дар ин ҷо: D_t - сатҳи умумии деградатсия; St — шӯршавӣ; Et — эрозия; Zt — заҳбуру заҳкашҳои фаъол; ρ,θ — коэффитсиентҳои афзоиши деградатсия; λ — коэффисиенти коҳишдиҳандаи деградатсия; Қиматҳои тахминии минтақавӣ: ρ = 0,18; θ = 0,24; λ = 0,12.

Функсияи таҷдиди гумус. Камшавии гумус бо меъёри муайян рух медиҳад:

$$H_t=H_t-1-\mu+\eta F_t$$

Дар ин ҷо: μ — талафи табиии гумус (солона 0,02–0,04 %); η — таъсири нуриҳои минералӣ; F_t — миқдори нуриҳо; Барои Хатлон: μ = 0,025; η = 0,015;

Функсияи таъсири сармоягузорӣ ба инфрасохтор.

$$Z_t = Z_{t-1} + \psi K_t$$

Дар ин ҷо: ψ — 0,003 то 0,006 (аз ҳар 1 млн. сомонӣ 0,3–0,6 км заҳкаш нав ё таъмир мешавад). Барои Хатлон: ψ = 0,004.

Модели умумии пешгӯӣ.

$$\begin{cases} Y_t = f(K_t S_t E_t H_t) \\ S_t = S_{t-1} + \xi_1 - \xi_2 Z_t \\ E_t = E_{t-1} - \xi_3 Z_t + \xi_4 \\ H_t = H_{t-1} - \mu + \pi F_t \end{cases}$$

Дар асоси модели содашуда ва фарзияҳои зерин модел ҳисоб карда мешавад:

- Сенарияи I (оптимистӣ): афзоиши сармоягузорӣ **+6% солона**, барномаи фаъолонаи мелиоратсия, зиёд шудани заҳбуру заҳкаш, коҳиши ҳиссаи шӯршавӣ ва эрозия, барқароршавии гумус ва болоравии ҳосилнокӣ.

- Сенарияи II (миёна): афзоиши сармоягузорӣ **+3% солона**, идомаи тренди ҷорӣ, коҳиши сусти гумус, болоравии ночизи шӯршавӣ, эрозия, афзоиши маҳдуди ҳосилнокӣ.

- Сенарияи III (бад): афзоиши сармоягузорӣ тақрибан **+1% солона**, сустшавии барномаҳои мелиоративӣ, коҳиши заҳкашҳои фаъол, афзоиши тезтари шӯршавӣ, эрозия, пастравии гумус ва стагнатсияи ҳосилнокӣ.

Натиҷаҳои ояндабинӣ ба таври шартӣ дар ҷадвали 8 ҷамъбаст карда шудаанд.

Ҳамин тавр, ҳисобҳои анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки натиҷаи модели «сифртахриб» пеш аз ҳама аз суръати сармоягузорӣ ва самаранокии барномаҳои мелиоративӣ вобаста мебошад. Дар сенарияи оптимистӣ то соли 2035 коҳиш ёфтани майдонҳои шӯр ва зери эрозия дар як вақт бо болоравии сатҳи гумус ва афзоиши устувори ҳосилнокӣ имконпазир мегардад, ки ин ба беҳтар шудани қобилияти истеҳсолии хок ва кам шудани хавфҳои агроэкологӣ замина мегузорад.

Ҷадвал 8. - Пешгӯйии нишондиҳандаҳои асосӣ барои вилояти Хатлон (2027–2035, 3 сенария)

С О Л Ҳ О				
Нишондиҳандаҳо		**2027**	**2030**	**2035**
Масоҳати шӯршавӣ (га)	I	33 852	31 248	28 644
	II	34 720	36 022	37 324
	III	35 588	39 060	42 532
Масоҳати зери эрозия (га)	I	23 002	21 700	20 398
	II	23 653	24 304	24 955
	III	24 304	26 908	29 512
Сатҳи гумус (%)	I	1,22	1,25	1,28
	II	1,20	1,18	1,16
	III	1,19	1,15	1,11
Заҳбуру заҳкашҳои фаъол (км)	I	1 031	1 156	1 281
	II	1 016	1 066	1 116
	III	1 001	976	951
Ҳосилнокӣ (сентнер/га)	I	27,6	30,0	32,4
	II	27,2	28,2	29,0
	III	26,9	26,8	26,7
Сармоягузорӣ (млн. сомонӣ)	I	551,0	737,3	986,7
	II	535,4	620,7	719,5
	III	525,0	551,8	579,9
Эзоҳ: I – сенарияи оптимистӣ; II – сенарияи миёна; III – сенарияи бад.				

Муҳосибаи муаллиф.

Дар сенарияи миёна тағйирот мусбат аст, вале маҳдуд буда, равандҳои деградатсия пурра боздошта намешаванд. Сенарияи бад нишон медиҳад, ки паст будани суръати сармоягузорӣ ва заъфи инфрасохтори заҳкашӣ метавонад ба афзоиши чашмраси шӯршавӣ ва эрозия оварда, ҳосилнокиро дар сатҳи омори нигоҳ дорад.

Дар диссертатсия қайд шудааст, ки самаранокии модели сифртахриби истифодаи замини кишоварзӣ танҳо дар сурате исбот мегардад, ки он на танҳо дар сатҳи умумимиллӣ ё минтақавӣ, балки дар шароити воқеии воҳиди маъмурию ҳудудӣ санҷида шавад. Бо дарназардошти ин, барои апробатсияи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ноҳияи Шамсиддин Шоҳин интихоб гардидааст, зеро ин ноҳия дорои шароити хоси табиӣ-иқлимӣ буда, ҳамзамон яке аз минтақаҳои осебпазир аз лиҳози тахриби заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки маҳз чунин минтақаҳо барои арзёбии амалии модели сифртахриб аҳаммияти махсус доранд, зеро дар онҳо таъсири равандҳои эрозионӣ ва пастшавии ҳосилхезии хок равшантар зоҳир мегардад.

Ноҳияи Шамсиддин Шоҳин дар қисми кӯҳии вилояти Хатлон ҷойгир буда, қисми зиёди заминҳои кишоварзии он ба заминҳои лалмӣ ва қитъаҳои нишеб рост меояд. Тибқи маълумоти омории расмӣ, масоҳати заминҳои кишоварзии ноҳия маҳдуд буда, истифодаи онҳо асосан дар шароити набудани обёрии устувор сурат мегирад. Хусусияти релеф, нишебии қитъаҳо ва таъсири омилҳои табиӣ боис мегардад, ки равандҳои эрозияи обӣ ва бодӣ дар ноҳия характери устувор дошта бошанд. Дар

диссертатсия таъкид мегардад, ки дар чунин шароит истифодаи усулҳои суннатии заминдорӣ, бе ба назар гирифтани талаботи ҳифзи хок, метавонад ба талафи қабати ҳосилхез ва пастравии самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ оварда расонад.

Таҳлили вазъи ибтидоии истифодаи замин дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (ҷадвали 9) нишон медиҳад, ки то ҷорӣ гардидани чораҳои мутобиқ ба модели сифртахриб як қатор мушкилоти системавӣ ҷой доштанд. Аз ҷумла, дар қисми қитъаҳои нишеб нишонаҳои равшани эрозияи хок ба мушоҳида мерасиданд, сатҳи гумус тамоюли коҳиш дошта, ҳосилнокии зироатҳои асосӣ дар муқоиса бо имкониятҳои табиӣ паст арзёбӣ мешуд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ин рақамҳо на натиҷаи яксолаи истифодаи нодуруст, балки оқибати истифодаи тулонӣ ва камсамараноки захираҳои замин дар шароити набудани чораҳои муҳофизаткунанда буданд.

Ҷадвал 9. - Нишондиҳандаҳои вазъи ибтидоии истифодаи замин дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (2015–2019)

С О Л Ҳ О					
Нишондиҳандаҳо	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**
Масоҳати заминҳои кишоварзӣ, га	12819	18 405	18 390	18 372	12879
Аз ҷумла, заминҳои лалмӣ, га	14 980	14 965	14 950	14 935	14 920
Ҳиссаи қитъаҳои нишеб (% аз заминҳои кишт)	63,2	63,4	63,6	63,9	64,1
Масоҳати зери эрозия, га	3 420	3 470	3 515	3 560	3 605
Ҳиссаи заминҳои зери эрозия (%)	18,6	18,9	19,1	19,4	19,6
Сатҳи гумус, миёна (%)	1,08	1,06	1,05	1,03	1,02
Ҳосилнокии миёнаи зироатҳои лалмӣ (ц/га)	9,6	9,4	9,3	9,1	9,0

Манбаъ: Маълумоти ҷамъбастии мақомоти маҳаллӣ ва ҳисобҳои муаллиф дар асоси омори минтақавӣ (2015–2019).

Вобаста ба ин, дар доираи апробатсияи амалии модели сифртахриби истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин як қатор чораҳое таҳлил гардиданд, ки аз ҷиҳати мазмун ба мантиқи модели пешниҳодшуда мувофиқат доранд. Ба чунин чораҳо пеш аз ҳама маҳдуд намудани коркарди амиқи хок дар қитъаҳои нишеб, ҷорӣ намудани унсурҳои кишти муҳофизаткунанда, истифодаи зироатҳои бисёрсола ҳамчун омили пасткунандаи эрозия, инчунин беҳтар намудани тартиби истифодаи заминҳои лалмӣ дохил мешаванд. Тадқиқот нишон медиҳад, ки татбиқи чунин чораҳо имкон медиҳад фишори антропогенӣ ба хок коҳиш ёфта, равандҳои деградатсионӣ суст гарданд.

Натиҷаҳои муқоисавии «пеш аз татбиқи чораҳо» ва «пас аз татбиқи онҳо» нишон медиҳанд, ки дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин тағйироти муайян ба амал омадаанд (ҷадвали 10).

Ҷадвал 10. - Муқоисаи нишондиҳандаҳои асосии истифодаи замин дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (пеш / баъд аз чораҳо)

Нишондиҳандаҳо	Пеш аз чораҳо (2015-2019)	Баъд аз чораҳо (2020-2024)	Тағйирот
Ҳиссаи заминҳои зери эрозия (% аз заминҳои кишоварзӣ)	18,6-19,6	17,8-18,2	Коҳиш
Сатҳи гумус, миёна (%)	1,02-1,08	1,05-1,10	устуворшавӣ
Ҳосилнокии зироатҳои лалмӣ (ц/га)	9,0-9,6	10,1-10,8	афзоиш
Самаранокии истифодаи замин*	Паст	Миёна	беҳбудӣ
* Самаранокии истифодаи замин ба таври маҷмуӣ бо дарназардошти устуворию ҳосилнокӣ ва кам шудани талафоти замин аз ҳисоби эрозия арзёбӣ шудааст.			

Манбаъ: Маълумоти ҷамъбастии мақомоти маҳаллӣ, ҳисобҳои аналитикӣ ва натиҷаҳои таҳлили муаллиф.

Маълумоти ҷадвали муқоисавӣ нишон медиҳад, ки татбиқи чораҳои мутобиқ ба модели сифртахриби истифодаи замин дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ба беҳтар гардидани як қатор нишондиҳандаҳои муҳимми агроэкологӣ ва истеҳсолӣ мусоидат намудааст. Пеш аз ҳама, коҳиш ёфтани ҳиссаи заминҳои зери эрозия гувоҳӣ медиҳад, ки ҷорӣ намудани унсурҳои кишти муҳофизаткунанда ва маҳдуд намудани коркарди амиқи хок дар қитъаҳои нишеб таъсири мусбат расонидааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки равандҳои деградатсионии хок на танҳо суст, балки дар баъзе қитъаҳо қисман боздошта шудаанд.

Вобаста ба ин, устувор гардидани сатҳи гумус дар заминҳои лалмӣ аҳаммияти хос дорад, зеро ин нишондиҳанда ҳамчун омили калидии нигоҳдории ҳосилхезии хок баррасӣ мешавад. Саидмуродзод Ҷ.Ҷ. ва М. И. Икроми қайд намудаанд, ки: «… ҳамаи тадбирҳои истифодаи оқилона ва захирасарфакунандаи замин бо усули агрономӣ аҳамияти муҳим доранд, зеро бидуни интихоби навъҳои серҳосил ва навъҳои сердаромади зироатҳои кишоварзӣ, бидуни ташкили киштигардон, интихоби схемаи оқилонаи ротатсионӣ ва ҷойгиркунии самараноки зироатҳо дар киштигардон, инчунин бидуни ворид намудани саривақтӣ ва босифати нуриҳои органикӣ ва минералӣ ба миқдори зарурӣ ва пешбурди муборизаи саривақтӣ бо бемориҳо ва ҳашароти зараррасон, ба даст овардани ҳосили баланду устувор ва ноил шудан ба самаранокии баланди иқтисодӣ аз истифодаи замин ғайриимкон аст.» [9, С.75]. Бешубҳа, ин мавқеъ таъсири системавии омилҳои агротехнологиро дар таъмини самаранокии истифодаи замин инъикос менамояд, зеро ба даст овардани ҳосили устувор на аз тадбирҳои ҷудогона, балки аз татбиқи комплексии онҳо вобаста мебошад. Дар ин замина, ҳамоҳангсозии равандҳои агротехникӣ ва мутобиқати ҳамаи унсурҳои давраи истеҳсолӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки афзоиши ҳосилнокӣ дар марҳилаи баъди татбиқи чораҳо на характери якдафъаина, балки устувор дорад, ки ин нишон медиҳад таъсири чораҳо танҳо бо омилҳои иқлимӣ вобаста нест.

Вобаста ба ин, беҳтар шудани самаранокии истифодаи замин дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин метавонад ҳамчун натиҷаи мустақими татбиқи равиши системавии идоракунии замин арзёбӣ гардад. Ҳамаи ин исбот менамояд, ки модели сифртахриби истифодаи замин дар шароити воқеии ноҳия қобили амал буда, метавонад ҳамчун заминаи боэътимод барои тавсияҳои амалӣ дар сатҳи маҳаллӣ истифода шавад.

Аз ҷумла, дар қитъаҳое, ки унсурҳои кишти муҳофизаткунанда истифода гардиданд, нишонаҳои шуста шудани қабати болоии хок коҳиш ёфта, устувории сохтори хок беҳтар шудааст. Ҳамзамон, сатҳи гумус дар ин қитъаҳо тамоюли устувор пайдо намуда, пастравии минбаъдаи он бозdошта шуд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, татбиқи чораҳои мутобиқ ба модели «сифртахриб» дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ба устувории нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ мусоидат кардааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар қитъаҳои таҷрибавӣ ҳосилнокии зироатҳои лалмӣ дар муқоиса бо қитъаҳои анъанавӣ устувортар буда, тағйирёбии шадиди ҳосил вобаста ба шароити иқлимӣ коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат ба баланд шудани самаранокии истифодаи замин ва коҳиш ёфтани хавфҳои истеҳсолӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, модели «сифртахриб» ҳамчун воситаи на танҳо экологӣ, балки иқтисодии устуворсозии истеҳсолоти кишоварзӣ баррасӣ мегардад.

Ҳамин тавр, апробатсияи амалии модели «сифртахриби истифодаи замин» дар мисоли ноҳияи Шамсиддин Шоҳин исбот менамояд, ки пешниҳодҳои илмии диссертатсия дорои аҳаммияти баланди амалӣ мебошанд. Таҷрибаи ин ноҳия нишон медиҳад, ки гузариш аз истифодаи истеъмолии замин ба идоракунии устувори он имконпазир буда, метавонад ба маҳдуд намудани равандҳои деградатсионӣ, нигоҳдории ҳосилхезии хок ва устуворii даромади хоҷагиҳои кишоварзӣ мусоидат намояд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада заминаи боэътимод барои тавсия намудани равиши сифртахриб ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии истифодаи захираҳои замини кишоварзиро дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ фароҳам меоранд.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Натиҷаи асосии илмии диссертатсия

1. Мафҳуми «тахриби сифрии замин» ҳамчун равиши нави идоракунии заминистифодабарӣ дар посух ба буҳронҳои ҷаҳонии экологӣ ва коҳиш ёфтани иқтидори истеҳсолии замин ташаккул ёфтааст. Ин равиш ҷанбаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар шакли ягона муттаҳид намуда, на танҳо ба ҳифзи захираҳои замин, балки ба барқарорсозии онҳо ва баланд бардоштани самаранокии истифодаашон равона шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки барои татбиқи самараноки ин консепсия дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили механизмҳои амалии татбиқ,

рушди низоми ҳавасмандгардонӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои экологӣ ва густариши дастгирии инфрасохторӣ аҳаммияти муҳим дорад.

